Б. БОЙНАЗАРОВ

# САНЪАТИ ТАСВИРӢ



5-6





Рассом М. Муҳаммадов. «Манзара»

Б. БОЙНАЗАРОВ

# САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Китоби дарсӣ барои синфҳои 5 – 6-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Нашри сеюм**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

"АНДАРАК"
СРЕДНЯЯ ШКОЛА
"АНДАРАК"
№ 89

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2016

ББК 74.269 + 74.268.5
И-69

**И-69.** Бойназаров Б. **Санъати тасвирӣ**. Китоби дарсӣ барои синфҳои 5 – 6. Душанбе, Маориф, 2016. 144 саҳ.

**Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | Гафоров Ш | 6б | 2017 | 2016 | 2017 |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

ISBN 978-99947-1-287-8

© Маориф, 2016.
МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТ

# Сарсухан

Хонандагони азиз, вазифаи асосии фанни санъати тасвирӣ аз омӯзиши жанрҳои гуногуни ин санъат ва зебопарастӣ иборат мебошад. Ҳангоми омӯзиши фанни санъати тасвирӣ бо тарзи тасвир, фаъолияти эҷодӣ, намудҳо ва жанрҳои санъати тасвирӣ ва асарҳои рассомони ҷаҳон шиносоӣ пайдо мекунед. Инчунин дар рафти иҷрои корҳои амалӣ ба тарзҳои конструктивӣ, фарқи шакли маводди таълимӣ, тасвир аз асл, тарзи ҷобаҷогузории тасвир дар рӯйи коғаз, фарқи дурахшонии тобиш ва силсилаи рангҳо, тарзи дурнамоии мавод дар тасвирро аз худ мекунед. Барои иҷрои кори амалӣ китоби дарсӣ, ки дар он иҷрои намудҳои гуногуни ҳунари рассомӣ тавсия шудааст, ба шумо ёрӣ мерасонад. Шумо дар баробари шиносоӣ бо жанрҳои гуногуни ин санъат малакаву маҳорати корӣ ва рассомии худро дар рафти иҷрои супоришҳо боз ҳам такмил медиҳед. Кӯшиш кунед, ки дар иҷрои ҳар як амал эҷодкорӣ нишон диҳед. Бо ёрии омӯзгор ба осорхонаҳо, намоиши асарҳои рассомон рафта, бо нозукиҳои асарҳои рассомони машҳур аз наздик ошно шавед. Чунин фаъолият ба шавқу ҳаваси эҷодкорӣ ва навоварии шумо ёрӣ мерасонад.

## ДАРСИ 1

## ОЛАМИ ЗЕБОЙ ДАР АСАРҲОИ РАССОМОН

Аз замонҳои қадим рассомон ба тасвири манзара ва чеҳранигорӣ, ба дарки зебоиҳои он машғул буданд. Тавассути тасвири бадеӣ ҳар як рассом мекӯшад, ки дар мусаввараҳо ҷаҳонбиниву муносибати эҷодкоронаи худро нисбат ба зебоии оламу атроф нишон бидиҳад.

Рассоми шинохтаи тоҷик Абдумаҷид Хошмуҳаммадов фаъолияти эҷодии худро соли 1930 оғоз кардааст. Дар мусаввараҳои худ ӯ ба воситаи санъати тасвирӣ муносибаташро ба оламу одам равшан ифода карда, табиат ва саховати заминро нишон додааст. Ҳар як мусаввараи ӯ ба манзараҳои зебои ҳамешабаҳори диёрамон, ба мардони илму ҳунар бахшида шудааст. Мусаввараҳои ин рассоми мумтоз дар осорхонаҳои шаҳрҳои Санкт-Петербург, Маскав ва Киев ба маърази тамошо гузошта шудаанд.



*Расми 1. Тавлиди суруд. Рассом А. Хошмуҳаммадов*

Мусаввараи А. Хошмуҳаммадов «Тавлиди суруд» (расми 1) дар жанри зиндаиигорӣ (живопись) офарида шуда, дар он мавқеи асосиро мӯйсафед – эҷодкори суруд ишғол мекунад. Муаллиф дар тасвири кӯҳ, осмони нилгуну дарахтони сарсабз, гулҳои рангорангу мӯйсафеди нуронии эҷодкор рангҳои мухталифро мувофиқи мақсад истифода кардааст. Дар расм рангҳои сурх, хокистарӣ, сафед, кабуд, сабз, ҷигарӣ мутаносибан ҳамдигарро иваз кардаанд.

Мазмуну мундариҷаи асосии асар ба восиҭаи ранг ва ҳамбастагии тамоми ҷузъиёт ифода шудааст. «Тавлиди суруд» таърихан тавлиди шеъру суруди классикиро ба хотир меорад. Дар тасвир асбобҳои зиёди мусиқии ҳозиразамонро намебинем, аммо он тарзе офарида шудааст, ки бо шеъру суруди имрӯзаи мо иртиботи қавӣ дорад.

Дарки баланди зебопарастӣ дар мусаввараи «Манзараи Бадахшон»-и Х. Хушвахтов мушоҳида мешавад. Дар мусаввара манзараи кӯҳсори афсонавию пурганҷи Бадахшон тасвир ёфтааст. Зиндагии рангин дар деҳаи хушманзараи кӯҳистон ба мисли рӯд ҷараён дорад. Рассом манзараи



*Расми 2. Манзараи Бадахшон. Рассом Х. Хушвахтов*

рангини дарахтони сарсабз, куллаҳои барфпӯш, рӯди равону биноҳои ободу зеборо, ки ба инсон ҳаловату хурсандӣ мебахшанд, тасвир кардааст.

Дар асар инсон дар маркази диққат меистад. Ӯ ба тамоми ҳастии деҳа таваҷҷуҳ дорад ва ин макон бо зебоиҳояш ба инсон тааллуқ дорад. Ин зинданигорӣ бо ҷилои рангҳо таровати зиндагии ҳақиқиро падидор мекунад. Рассом як гӯшаи диёр, манзараҳои такрорнашавандаи онро тавре ба қалам додааст, ки ба кас бештар азизу муътабартар мешавад (расми 2).

Манзара ва рангҳои табиат, тасвири зебоӣ дар эҷодиёти ҳар як рассом хусусиятҳои нотакрор дорад ва мо онро дар мусавvараҳои манзаравии Ҷалил Расулов, Аҳмад Умаров, Григорий Кузмин ва дигарон дида метавонем.

(*Мусавvараҳои рассомони номбаршударо (расмҳои 3, 4, 5) бо ёрии омӯзгор ва мустақилона омӯхта, вобаста ба мазмуни ҳар яки он нақл тартиб бидиҳед*).



***Расми 3. Манзараи Бадахшон. Рассом Г. Кузмин***



***Расми 4. Натюрморт. Рассом А.П. Умаров***



***Расми 5. Рогун, 1982. Рассом Ҷ. Расулов***

САВОЛҲО

1. Расми «Тавлиди суруд» бо қалами кадом рассом офарида шудааст?

2. «Тавлиди суруд» таърихи кадом давраро ба хотир меорад?

3. Дар «Манзараи Бадахшон» рассом зебоии кадом фасли солро тасвир кардааст?

4. Манзараи тасвири табиати Роғунро шарҳ диҳед.

## ДАРСИ 2
## КОРҲОИ ОРОИШӢ. ОЛАМИ ҲАЙВОНОТ

Шумо расмҳои гуногуни ҳайвонҳоро хеле дӯст медоред. Аз хурдсолӣ расми ҳайвонотро бисёр кашидаед. Ба расмҳои гуногуни ороишӣ аз китобҳои афсона ва намоишҳои телевизион шинос ҳастед. Аз ин рӯ, вобаста ба мазмуни ҳар як расми ороишӣ рангҳои мувофиқро интихоб кунед, ба мутаносибӣ, зебоӣ ва дурахшонии рангҳо эътибор диҳед. Дар ороиши расм тавассути матн ва суратҳо табиату олами ҳайвонот, зиндагии мардум ва ғайра тасвир карда мешавад. Расмҳои ҷамъшударо бо нақшу нигор ва ба таври графикӣ ороиш додан мумкин аст.

Доир ба мавзӯи супоридашуда расмҳои гуногунро ҷамъ кунед ва дар асоси ин расмҳо албоми ороиширо тартиб диҳед.



*Расми 6*

## ДАРСИ 3
## ТАСВИРИ АТРОФИ МАКТАБ

Ҳар кадоми шумо ҳангоми сайру гашт табиати назаррабои атрофи мактабро мушоҳида кардаед ва дар хотир нигоҳ медоред. Акнун ин зебоиро дар рӯйи коғаз тавре тасвир кунед, ки расми кашидаатон ҳам аз ҷиҳати шаклу мазмун ва ҳам аз ҷиҳати композитсионӣ рангину зебо бошад. Ҳангоми тасвири мавзӯъ фарқи объектҳои дуру наздикро ба инобат гиред, зеро чӣ қадаре ки ҷисм дур бошад, ҳамон андоза дар расм хурд ба назар мерасад.

Агар бодиққат нигоҳ кунед, мебинед, ки рангҳои ҷисмҳои наздик нисбатан баландтар, ҷисмҳои дур ранги пасттар доранд. Инро перспективаи фазоӣ мегӯянд, ки асоси қоидаи расмкаширо ифода мекунад.

Расми кашидаи шумо дар мавзӯи тасвири атрофи мактаб бояд ба асл монанд бошад. Маҳалле, ки шумо дар он ҷо таҳсил мекунед, бояд дар расмҳоятон ба таври воқеӣ тасвир ёбанд. Ба зебоиву рангинии табиати гирду атроф ва ҳамоҳангии наботот аҳамият диҳед.



*Расми 7а*



*Расми 7 б*



*Расми 7 в*

Ба зебоии атрофи дарахтон, ки тобиши гуногуни рангҳоро дар худ нуҳуфтаанд, бодиққат назар афканед. Манзараи аҷоиби баргҳо, рангҳои сурху бунафш, сурхи ҷигарӣ, норинҷӣ, сабз, кабудчатоб ва ғайраро мебинед, ки ин олами афсонавиро ба хотир меорад. Акнун шумо истеъдоди худро тавре нишон диҳед, ки ин олами афсонавӣ дар коғаз бо ҳунари баланд таҷассум ёбад.

## ДАРСИ 4

## КОМПОЗИТСИЯ ДАР ТАСВИР

Ҳар кадоми шумо аз айёми наврасӣ дар дил орзуи табиб, омӯзгор, шоир, навозанда, рассом, муҳандис, варзишгар, дуредгар, оҳангар ва ғайра шуданро мепарваред. Ҳама касбҳо махсусиятҳои ба худ хос, асбобу анҷом ва дастгоҳҳои худро доранд. Вобаста ба мазмуни касби дӯстдоштаатон композитсияи расмеро, ки кашидан мехоҳед, муайян кунед. Композитсия иншои асар, муайян кардани нияти рассом, ҷобаҷокунии тасвирҳо дар рӯйи коғазро мегӯянд. Ҳангоми дар ҳамворӣ ҷо ба ҷо гузоштани тасвирҳо баъзе қоидаҳои умумиро риоя кунед.

Ҳаҷми тасвири ҷисмҳо дар расм бояд тавре интихоб шавад, ки он дар рӯйи варақ ба назар зебо намояд. Аз ин рӯ, чизи асосиро дар композитсия, одатан, дар байн ҷой медиҳанд. Ҷудо кардани чизи асосӣ вазифаи аввалиндараҷаи композитсия мебошад. Масалан, аз асбобҳои мусиқӣ ва дуредгарӣ натюрморт тартиб додан лозим аст. Дар ин ҳолат мо бояд донем, ки



*Расми 8*

композитсияи натюрморт на фақат ба шакл ва ҳаҷми ҷисмҳои ба он дохилшаванда, балки ба тарзи ҷобаҷогузориашон, муносибати онҳо ба якдигар низ вобаста аст.

Дар оғози кор ҳаҷми коғазро ба эътибор гирифта, ашёи интихобкардаатонро дуруст ҷо ба ҷо гузоред ва расмро тарзе ба қалам диҳед, ки намуди ашё мароқовар ва назаррас шавад. Ҳангоми кор бо рангҳо ба тобишу хосият



*Расми 9*

ва тағйирёбанда будани онҳо диққат диҳед, то ки фарқияту ҳамоҳангии рангҳо намудор шавад.

## ДАРСИ 5
## ТАСВИРИ МЕВА ВА БАРГ (НАТЮРМОРТ)

Ҳангоми тасвир кӯшиш кунед, ки ҷойгиршавии ҷисмҳои натюрморт аз ҳар ҷиҳат зебо ва мароқовар бошад. Ҳангоми бо мева якҷоя тасвир кардани баргҳо кӯшиш кардан зарур аст, ки мева шаклу зебоияшро нигоҳ дорад. Таносуби дуру наздик ҷойгиршавии ҷисмҳоро низ ба эътибор гирифтан лозим аст. Зимни кор кардан бо рангҳо ба мутаносибӣ, шаффофии аслӣ ва тозагӣ, ки ҳамбастагиву ҳамоҳангии рангҳоро зебову дурахшон нишон медиҳанд, ҷиддан эътибор диҳед. Тасвирро аз рангҳои равшани зард, сурхчатоб, норинҷӣ, сабз ва ҷигарӣ, ки ҳамбастагии



*Расми 10 а.*



*Расми 10 б.*



*Расми 10 в.*

рангҳоро нурафшонӣ менамоянд, шурӯъ кунед. Кӯшиш кунед, ки рӯшноӣ ва соягӣ дар тасвир назаррас бошад.

САВОЛҲО

1. Пурмаъно тасвир кардани натюрморт ба чӣ вобаста аст?

2. Композитсия чист?

3. Дурахшон ва рангин тасвир кардани натюрморт ба чӣ вобаста аст?

## ДАРСИ 6

## СОХТАНИ МУҶАССАМАИ ПАРАНДА

Сохтан ва тасвир кардани ҷисми парандагону ҳайвонот душвориҳо дорад. Парандагон доимо дар ҳолати парвозанд, ба ҳар тараф ҳаракат мекунанд ва дар чунин ҳолат кашидани расм, албатта, душвор аст.



*Расми 11 а*

Барои дуруст тасвир кардани парандагон сохту шакл, ҳаракатҳои фарккунанда, пайвастшавии узвҳои ҷудогонаи онҳоро омӯхтан зарур аст. Аввал, расмро дар варақ аз рӯйи мушоҳидаҳо ба таври тахминӣ кашида, кӯшиш кардан лозим аст, ки он бо композитсияи бою рангин иҷро шавад.

Барои сохтани шакли ягон паранда, дар навбати аввал, такягоҳро аз чӯб, шиша ё аз сим созед. Сипас, як лӯнда

гилро гирифта, қисми баданро, ки асоси парандаро ташкил медиҳад, ба шакл дароред. Қисмҳои ҷудогонаи сар, гардан, пой ва қанотро бо пластилин ё гил пайваст кунед. Барои суфта кардани ҷисм белчаи ҳайкалтароширо истифода баред ё онро бо даст ҳамвор созед. Амалро аз рӯйи расм иҷро кунед.



*Расми 11 б*

## ДАРСИ 7
## ТАСВИРИ МЕВАҲО

Тасвири меваҳо зебоиҳои хоси худро дорад. Ин зебоиҳо дар ҳамоҳангии рангҳо ва равшаниву соя назаррас мешавад. Барои муайян кардани ҷузъҳои нозуки меваҳо (натюрморт) якчанд расми рассомонро аз назар мегузаронем ва мебинем, ки меваҳо бо рангу шакл ва зебоиҳои худ аз ҳам фарқ доранд. Азбаски меваҳо шаклҳои гуногун доранд, ҳангоми кашидани расм онҳоро бо хатҳои борик, ки ба шакли аслӣ мувофиқ аст, тасвир созед. Барои фарқияти дурию наздикии акси меваҳо ҳаракати хатҳоро ба эътибор гиред. Кӯшиш кунед, ки тасвир моҳиронаю мароқовар, зебою назаррас кашида шавад.

Ҳангоми бо ранг иҷро кардани кори амалӣ фарқияти тобиши рангҳои аслии ҷисмҳоро, ки дар натиҷаи таъсири фазо хеле тағйир меёбанд, ба эътибор гиред.

Сипас, мутаносибии рангҳоро ба эътибор гирифта, омехтаи рангҳоро тайёр кунед ва баъд, бо мӯқалам расмро кашед. Ҷойҳои торик ва соядорро бо рангҳои баландтар, мувофиқи

шакли ҷисм дар расм нишон диҳед. Тасвирро тарзе иҷро кунед, ки шаффофӣ ва ҳамбастагии рангҳо зебову дурахшон намоён шавад.



*Расми 12 а*



*Расми 12 б*

## ДАРСИ 8

## ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ

Пешакӣ, мувофиқи талаботи мавзӯъ, маводди лозимиро омода кардан зарур аст. Ягон манзараи ҷамъоварии ҳосилро бодиққат мушоҳида кунед. Баъд, аз рӯйи тасаввурот ва хотираи худ расмро эҷодкорона ба қалам диҳед. Расмро тарзе кашед, ки аз ҷиҳати композитсия мароқовару пурмазмун бошад. Одамони дар саҳро ба ҷамъоварии мева машғулбуда бояд табиӣ тасвир шаванд.

Кӯшиш кунед, ки тобиши рангҳои зард, норинҷӣ, сурх, ҷигарӣ ва дигар рангҳое, ки зебоии табиатро инъикос меку-нанд, тасвир ёбанд. Расмро бо рангҳои акварел, гуаш, қаламҳои ранга иҷро кардан мумкин аст. Аз рӯйи расмҳои



*Расми 13 а*



*Расми 13 б*

тасвиршуда кори амалиро эҷодкорона давом диҳед. Дар вақти холӣ шумо метавонед доир ба ин мавзӯъ аз коғаз ва гил истифода бурда, амалро иҷро кунед.

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ба корҳои ороишӣ машғул шавед. Расмҳоро бо роҳҳои гуногун ороиш додан мумкин аст. Вобаста ба мазмуни расм тарзи ороишеро истифода бурдан зарур аст, ки зебоиро дурахшон нигоҳ дорад. Ҳангоми иҷро кардани корҳои ороишӣ ба ҷобаҷогузории рангҳо эътибор диҳед. Зебоии ороиш ба ҳамоҳангии рангҳо вобаста аст. Расмҳоро бо рангҳои акварел ва гуаш тарзе ороиш додан лозим аст, ки тобишу тароватн он дар расм намудор шавад.

## ДАРСИ 9
## МАНЗАРАИ ТИРАМОҲИ ЗАРРИН

Манзараи дилрабои тирамоҳи зарринро мушоҳида карда, лаҳзаҳои мароқовару нотакрори онро дар хотир нигоҳ доред. Аз зебоии атроф доираи тахайюлоту тасаввуроти худро ғанӣ гардонед. Диққати асосиро ба ҷиҳатҳои эстетикии табиати рангини гирду атроф, зебоии набототи тирамоҳи заррин, нишебии кӯҳу теппаҳо, парвозу садоҳои форами парандагон, пайраҳаҳои печ дар печи деҳаҳои кӯҳистон ҷалб карда, онро эҷодкорона ба қалам диҳед.

Ҳангоми тасвири ин ё он манзара тобиши рангҳои зард, сурх, ҷигарӣ, норинҷӣ, бунафш ва дигар рангҳоро, ки дар фасли тирамоҳи заррин хеле гуногунанд, ба эътибор гиред. Манзара бояд бо рангҳои равшан тасвир ёбад, то ки тобишҳои гуногун ва ҳамоҳангии онҳоро дурахшон гардонад.

Тасвири манзараро тарзе ба анҷом расонед, ки самти рӯшноиву соягӣ, ҷиҳати дурию наздикӣ ва рангҳо бо манзара ҳамоҳанг бошанд.



*Расми 14 а*



*Расми 14 б*

### САВОЛҲО

1. Чаро тирамоҳро фасли зебои заррин меноманд?

2. Ҳангоми тасвири фасли тирамоҳи заррин тобишҳои кадом рангҳо хеле равшан ба назар мерасад?

## ДАРСИ 10
## РАСМКАШӢ АЗ РӮЙИ НУСХАИ АСЛ

Рассомон дар нусхаи асл кӯшиш мекунанд, ки тасвири манзара бо неъматҳои табиат, гулу мева, сабзавот ва ғайра ҳаҷман миёна ба қалам дода шаванд. Мусаввараҳои як рассом бо рангу бор ва зебоиҳои хоси худ аз мусаввараҳои рассоми дигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

Натюрморти рассом А. Умаровро (расмҳои 15 а, б) бодиққат тамошо кунед. Мебинед, ки дар натюрморт дастархони пурнозу неъмат тасвир шуда, тобиши гуногуни рангҳоюю ҷобаҷогузории сабзавоту меваҳо бо хусусиятҳои хоси миллӣ инъикос ёфтаанд.

Акнун, бо маслиҳати омӯзгор барои кашидани чунин натюрморт якчанд ҷисми гуногуншаклро дар рӯйи миз тарзе гузоред, ки аз ҷиҳати композитсия мароқовару зебо бошанд.

Ҳангоми кор бо рангҳои акварел ба тобиши рангҳои меваҳои интихобкардаатон эътибор диҳед. Тасвирро бо рангҳои равшан оғоз кунед. Рангҳоро тавре ҷо ба ҷо гузоред, ки рӯшноӣ ва сояафкании нусхаи асл намоён ба чашм расанд.



*Расми 15 а*



*Расми 15 б*

## ДАРСИ 11
## ЧЕҲРАНИГОРӢ

Ҳангоми расмкашӣ аксарияти шумо чеҳраи одамро бо ҳар гуна хатҳо тасвир мекунед. Бинобар ин, кӯшиш кунед,

ки чеҳраи одам дар лаҳзаҳои истироҳат, кори саҳро, ё худ ҳангоми машқҳои варзишӣ бо ҳаракатҳои гуногун тасвир ёбад. Тасвир аз кашидани хатҳои нозуку равон ва озод оғоз мешавад. Пас аз он ки қисмҳои ҷудогонаи сари одамро таносубан дуруст тасвир кардед, кӯшиш кунед, ки узвҳои ҷудогонаи одам: чашм, бинӣ, даст, пой ва ғайра низ дуруст акс ёбанд. Хатҳои сояафканро дар расм дурахшонтар ифода кунед. Ин амалро метавонед бо рангҳо иҷро кунед. Тасвирро тарзе иҷро кунед, ки навоварию эҷодкории хоси шумо дар ҳамоҳангии рангҳо намоён шавад.



*Расми 16 а*



*Расми 16 б*

## ДАРСИ 12
## ТАСВИРИ ПАРАНДАГОН

Омӯзиши олами ҳайвонот дар расмкашӣ хеле зарур аст. Парандагон аз ҷиҳати шаклу ҳаракат ва зебоии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Ҳангоми аз асл расм кашидан фарқияти шаклу ҳаракати онҳоро аз рӯйи мушоҳида ба эътибор гиред. Барои дуруст иҷро кардани амал тасвирро аввал бо кашидани хатҳои равону умумӣ, ки композитсияро равшан мекунад, оғоз кунед. Ин хатҳо бояд ба шакли умумии бадан, гардан, сар ва пойҳои паранда мувофиқ бошанд.

Узвҳои ҷудогонаи парандагон: қанот, дум, чашмҳо бояд бо роҳи муқоиса ва санҷиш тасвир карда шаванд. Расми кашидаатонро ҳам аз ҷиҳати фарқияти аслӣ, ҳам аз ҷиҳати эҷодкорӣ бори дигар бисанҷед. Баъд, вобаста ба гуногунии рангҳои парандагон ба ороиш бипардозед.



*Расми 17 а*



*Расми 17 б*



*Расми 17 в*

## ДАРСИ 13
## ШАКЛСОЗӢ АЗ МАСОЛЕҲИ ТАБИӢ

Аз масолеҳи табиӣ – пар, ҷалғӯза, чӯбчаҳо, гил, пластилин, пӯсти тухм ва барги дарахтон барои офаридани акси ҳайвоноту парандаҳо васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Барои дуруст ва мароқовар иҷро кардани ин амал аввал расми ҳайвон ва ё парандаи интихобкардаатонро кашед. Баъд, когази ранга, масолеҳи табиӣ ва рангҳои мувофикро истифода бурда, тана, сар, қанотҳо, пой ва дигар узвҳои онро созед. (Расмҳои дар зер овардашударо ба эътибор гиред.)

Қисмҳои ҷудогонаи расмҳои кашидаатонро бо мӯқалам оро диҳед. Кӯшиш кунед, ки дар расмҳои кашидаатон рӯшноӣ, соягӣ ва дурию наздикии ҷисмҳо равшан намоён бошанд.



*Расми 18 а*



*Расми 18 б*

## ДАРСИ 14
## СОХТАНИ АВИАМОДЕЛ

Сохтану тасвир кардан ҳунар аст. Ҳунар тавассути ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ ба даст меояд. Завқи бадеӣ ва салиқаи эҷодкорӣ дар сохтану тасвир кардан нақши бузург дорад.

Шумо бо нақша ва сохтани моделҳои гуногуни техникӣ шинос ҳастед. Акнун имкон доред, ки аз чӯб, коғаз, ришта, пластилин ва сим эҷодкорона истифода карда, шакли дурусти авиамоделро созед.

Қисмҳои модели чархбол (вертолёт)-ро аз рӯйи расми 20 алоҳида сохта, ба ҳам пайваст кунед. Баъд, моделро бо рангҳои мувофиқ тарзе ороиш диҳед, ки зебоӣ ва ҳамоҳангии рангҳо ба назар намоён бошад.



*Расми 19*



*Расми 20*



*Расми 21*

## ДАРСИ 15
## ОРОИШИ ГРАФИКӢ

Ороиши графикӣ як навъи санъати тасвириест, ки воситаи асосии тасвири онро расми якранг ва ё хатҳои борики раҳ-раҳ ташкил мекунад. Графика ин ороиши бадеии китобу маҷалла, плакату овеза ва ғайраҳо мебошад.

Барои иҷрои он аввал бо қалам хатҳои борики шаклҳои

гуногуни ҷисмҳо кашида мешавад. Баъд корро бо ранги сиёҳ аз ҷойҳое, ки бояд аз ҳад зиёд сиёҳ шаванд, оғоз карда, тамоми сояҳои аслӣ ва рӯшноиро дар ҳамворӣ нишон додан лозим аст.

Ҷойҳои торики фарқшавандаро бо рахҳои дурахшону зич ва ҷойҳои равшанро бо хатҳои борику аз якдигар дур бо туши сиёҳ ба қалам диҳед. Метавонед чунин плакатҳоро бахшида ба ҷашнҳои Рӯзи Ваҳдат, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Наврӯз, Рӯзи Модар ва ғайра омода кунед.

Супоришро мустақилона аз рӯйи расмҳо иҷро кунед.




*Расми 22 а*




*Расми 22 б*

## ДАРСИ 16
## ТАСВИРИ АНГОРАИ (СУРОБИ) ОРОИШ

Тасвири ҳар як ороиш зебоиҳои хоси худро дорад. Ороиши асарҳои бачагона ва филмҳои тасвирӣ аз ангораи (суроби) ороиши рангҳо ва расмҳо равшан мешавад. Рассомон барои образнокии афсона ё филмҳои тасвирӣ расмҳои ҳайвонотро мекашанд ва хулқу атвори хосу мураккаби онҳоро моҳирона тасвир мекунанд.

Ангора (эскиз) акси пешакӣ буда, ҳангоми кашидани он аз қалами одӣ, қаламҳои ранга ва рангҳо истифода мебаранд. Барои он ки расм зебо, мароқовару образнок барояд, тарзи ҷойгиршавии ангораро ҳатман ба эътибор гирифтан зарур аст. Барои ба мақсад ноил шудан аз якчанд расм якеро интихоб кунед, ки аз ҷиҳати композитсионӣ хуб ба назар


*Расми 23*


*Расми 24*


*Расми 25*

намоён бошад. Шояд расми интихобкардаатон аз афсонаи дӯстдоштаатон «Симурғ» ё «Духтур Айболит» бошад.

Расмро дар варақи тоза кашед. Онро бо рангҳои мувофиқ ороиш диҳед, то ки ҷойҳои асосии расм назаррас бошанд. Атрофро бо таносубӣ рангҳои орому паст акс кунед. Расмҳои дар боло овардаро бодиққат аз назар гузаронида, супоришро мустақилона иҷро кунед.

## ДАРСИ 17

## РАССОМ МУРУВВАТ БЕКНАЗАРОВ

Ҳунари рассомӣ дар қалби Мурувват Бекназаров аз айёми мактабхонӣ ҷӯш мезад. Баъди хатми мактаби миёна шавқу завқи зебоипарастӣ ӯро ба даргоҳи Муассисаи давлатии «Коллеҷи ҷумхуриявии рассомии шаҳри Душанбе ба номи Мирзораҳмат Олимов» овард ва дари орзуяш кушода шуд. Мурувват Бекназаров пас аз хатми Коллеҷ ҳамчун ҳунарманди эҷодкор барои такмили дониш ва сайқал додани маҳораташ таҳсилро дар Донишкадаи рассомии Эстония давом дод. Баъди хатми донишкада ӯ ба шаҳри Душанбе баргашта, ба корҳои эҷодӣ машғул шуд. Асарҳои худро асосан ба тасвири ҳаёти мардуми деҳот, синфи коргари тоҷик ва манзараҳои рангини табиати кӯҳсори ҳамешабаҳори Тоҷикистон бахшидааст.

Мурувват Бекназаров дар жанрҳои гуногун асарҳо офаридааст. Асарҳои ӯ «Кони Шӯроб», «Чойхонаи Исфара», «Надя», «Ҷавони муборизи афғон», «Манзараи кӯҳсор»,

«Портрети дўстон», «Меъмори Шарқ», «Кўчаи Бухоро» ва ғайра ҷолиби диққатанд.

Мурувват Бекназаров портретҳои зиёде низ офаридааст. Ҳамчун рассоми эҷодкору ҳунарманд солҳои 1980-1985 дар қатори беҳтарин рассомони Иттиҳоди Шўравӣ аз Тоҷикистон ба Булғория, Африқо, Ҳиндустон сафарҳои эҷодӣ кардааст.

Тасвири «Манзараи кўҳистон» (расми 26) хеле ҷолиб аст. Бинанда бо дидани он ҳаловати маънавӣ мебарад. Чӣ қадар зебо ва дилкаш аст кўҳистони Тоҷикистон ва обу боду ҳавои он.



***Расми 26. Манзараи кўҳистон. Рассом М. Бекназаров***

Рассом бо ин асари худ ба мо мегўяд, ки бояд нисбат ба ин табиати хеле зебо эҳтиёткорона рафтор кунем ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

САВОЛҲО

1. Кадом асарҳои М. Бекназаровро номбар карда метавонед?
2. Ангора чист?

## ДАРСИ 18

## ОРОИШИ АРЧАИ СОЛИНАВӢ

Корҳои ороишӣ бо нақшу нигор дар мактаб шуғли дӯстдоштаи ҳар як хонанда ба шумор меравад. Хонандагони ҳамаи синфҳо бахшида ба ҷашнҳо рӯзномаҳои девории худро бо расмҳои гуногун ва зебо ороиш медиҳанд.

Ороиши арчаи солинавӣ аз ҷиҳати мазмун ва тарзи тасвир бо пурмазмуниву рангорангӣ фарқ мекунад. Барои ҳамин ҳам кӯшиш кунед, ки дар ороиши арчаи солинавӣ, Бобои барфӣ, Барфак, рақсидани кӯдакон дар гирди арча бо хусусияти хосу рангҳои дилчасп моҳирона ба қалам дода шаванд ва дар расмҳо зебоиву ҳамоҳангии рангҳои дурахшон ҳамаҷониба таҷассум гарданд.

Дурахшонии тасвирҳо ба ҳамоҳангӣ ва тозагии рангҳо вобаста аст. Дар ороиши арчаи солинавӣ доираи ча-



*Расми 27 а*



*Расми 27 б*

ҳонбинӣ, тахайюлоту тасаввуроти офаридани сюжетҳо, шаклҳои ҳайвоноту парандагонро васеъ истифода баред. Барои рангорангии ороиш аз коғазҳои ранга ва гуаш бештар истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

## ДАРСИ 19
## ЭҶОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ ЗИМИСТОН

Ҳар як фасли сол зебоиҳои нотакрори худро дорад. Фасли зимистон бо боридани барф ва сардиаш зебо аст. Дар зимистон табиат дар оғӯши рангҳои нотакрор қарор мегирад. Ба сардии зимистон нигоҳ накарда, кӯдакон ба бозиҳои чанатозӣ, яхмолакбозӣ ва сохтани ҳайкалчаҳо аз барф машғул мешаванд.

Расмро тарзе ба қалам диҳед, ки манзараҳои барфпӯши кӯҳсору бешазор, пайраҳаҳои борик, ки аз байни деҳа ба

тарафи теппаҳои баланд мераванд, одамони машғул ба лижабозӣ ва кӯдакони саргарми чанабозӣ ва аз барф сохтани ҳайкалчаҳо равшану зебо тасвир ёбанд.

Расмро аввал бо хати равон тасвир кунед, то ки дар он эҷодкории шумо ифода ёбад. Ҳангоми бо ранг кор кардан ба тобиши онҳо ва дурахшонии аксҳо эътибор диҳед. Кӯшиш кунед, ки тасвир бо ҳамбастагӣ ва зебоии рангҳои худ назаррабо шавад.



***Расми 28 а***



***Расми 28 б***

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ба иҷрои корҳои ороишӣ машғул шавед. Ҳар як расм тарзи ороиши худро дорад ва аз рассом эҷодкориро талаб мекунад. Барои ҳамин, ҳангоми иҷро кардани корҳои ороишӣ ба хусусияти рангҳо диққат диҳед, зеро ороиши зебо ба ҳамоҳангии рангҳо вобаста аст.

Зебоии ороишро аз нигоҳи аввал бояд пай бурд. Ҳангоми ороиши расм аз акварел ва гуаш тарзе истифода баред, ки тозагӣ ва зебоии он намудор шавад.

Ба ин намуди санъати ороишӣ аз нақшҳои кандакории рассом С. Нуриддинов шинос шуда метавонед. Аз ҷониби ӯ чандин хонаи истиқоматии шаҳрҳои Маскав, Санкт-



*Расми 29. Рассом С. Нуриддинов*

Петербург, Душанбе ва Хуҷанд ороиш ёфтаанд.

С. Нуриддинов нақшҳои кандакориро бо маҳорати баланд, композитсияи бою рангин ва хатҳои равону чӯяндагӣ, ки ороиши нақшро зебову рангин мегардонанд, акс мекунад. Асоси нозукиҳои нақшҳои офаридаи ӯро нақшофаринии гузаштагон ташкил медиҳад.

## ДАРСИ 20
## ТУҲФА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Ҷашни Артиши миллӣ мавзӯи хеле шавқовар аст, зеро бисёре аз шумо дар дил орзу доред, ки ба воя расида, дар сафҳои Артиши миллӣ содиқона хизмат кунед. Агар кашидани расмҳои силоҳ, мошинҳо ва техникаи ҳарбиро дӯст доред, онҳоро моҳирона тасвир карда метавонед. Ҳангоми иҷрои ин супориш композитсияро тарзе тартиб диҳед, ки он қисмҳои артиши ҳавоию пиёдагардро дар бар гирад. Мувофиқи хоҳиш сужети расмро аз тасаввурот, намоиши филмҳо, суҳбати калонсолону омӯзгорон гирифта метавонед. Расми кашидаатон бояд аз ҷиҳати эҷодӣ пурмазмун бошад.

Расмро аввал бо хатҳои борик дар рӯйи коғаз бо қалам тасвир кунед, ки мақсади асосии шуморо ифода кунад. Баъд



*Расми 30*

кӯшиш кунед, ки тасвир бо рангҳои равшан, бо таъсири рӯшноиву сояафканӣ ҷило ёбад. Дар он зебоӣ ва ҳамоҳангии рангҳо намоён бошад (ба расми 30 нигаред).

## ДАРСИ 21

## МАНЗАРАИ БАҲОР

Баҳор айёми Наврӯз, шукуфтани гулҳо ва оғози кишту-кор аст. Табиат аз хоби гарон бедор шуда, ба худ рангу намуди нав мегирад. Дар ин фасли зебо барои тамошо ва чидани гулҳо ба талу теппаҳо меравед. Ба манзараи гирду атроф, ки дарахтони санҷиду анҷир, бодому шафтолу, зардолуву себ гулрез шудаанд, бодиққат назар афканед. Мебинед, ки ин манзара хеле назаррабо ва дилкаш аст. Фикр мекунед, ки баҳори нозанин дар ин давра ҳукмронии табиати рангинро пурра ба дасти худ гирифтааст.

Гулҳои табиатро мушоҳида кунед ва бубинед, ки онҳо чӣ гуна шакл ва ранг доранд. Ба хусусияти фарққунандаи онҳо аҳамият диҳед.

Бо қалам тасвир кардани манзараи гирду атроф ва баландиҳои кӯҳу саҳрои беканори сабзазор композитсияро



*Расми 31 а*



*Расми 31 б*

хеле зебо мекунад. Ҳангоми тасвир рангҳоро тарзе интихоб кардан лозим аст, ки онҳо ҳам ба шаклу намуд ва ҳам ба композитсияи он мувофиқат кунанд. Манзараро бо рангҳои бунафш, сурх, гулобӣ, норинҷӣ, ҷигарӣ, сабз ва кабуд оро диҳед, то ки дар зери таъсири ҳамоҳангии рангҳои атроф манзара зебо ва дилчасп нишон дода шавад. Дар расмҳои 31 а, б ҳамворӣ бо нишебӣ омезиш ёфтааст. Ба онҳо диққат диҳед ва кӯшиш кунед, ки расм зебо барояду манзараи баҳори Тоҷикистони азизамонро ба таври ҳаққонӣ таҷассум кунад.

САВОЛҲО

1. С. Нуриддинов кист?

2. Табиати баҳор аз кадом ҷиҳат назаррабо ва дилкаш аст?

## ДАРСИ 22
## КИШТУКОРИ БАҲОРӢ

Баҳор фасли хеле рангину зебо, айёми сабзишу шукуфтани гулҳо аст. Дар баҳор одамон ба сайру тамошо ва чидани гулҳо мераванд. Марди деҳқон ба киштукор, боғдорию ниҳолшинонӣ машғул аст ва шумо тамоми зебоиҳои табиати рангин ва заҳмати мардони саҳроро бо чашми худ мебинед. Аз рӯйи тасаввуроти худ манзараҳои зебоеро, ки дидед, дар расм нишон диҳед. Манзараи кӯҳсор, теппаҳои пасту баланд, деҳаи хушманзара, сабзаи навхез, ҳамчунин кори марди деҳқон бояд дар он таҷассум шавад (ба расмҳои 32 а, б нигаред).



*Расми 32 а*



*Расми 32 б*

Дар аввал бояд расм бо хатҳои равону борик кашида шавад. Ба зебоӣ ва тобиши рангҳои манзараи гирду атроф диққат диҳед ва баъд ба ранги интихобшуда камтар ранги равшан ё тира илова кунед, то ки ранги дилхоҳи ба нусхаи асл монандро пайдо кунад. Бо мӯқалам рангро рӯйи расм тавре омезиш диҳед, ки нишебиҳо ва баландиҳои манзараи беканори дарахтзор ва киштзори саҳро бо дурахшониву сояафканӣ ва ҳамоҳангии рангҳо назаррас шавад. Кӯшиш кунед, ки шаффофии аслии рангҳо ва тобишу тозагии онҳо ба чашми бинанда ҳаловат бахшад.

## ДАРСИ 23
## КОРҲОИ ОРОИШӢ

***Мавзӯъ:* Ороиши меваю гул дар нақшу нигор**

Барои ороиши нақшу нигор ва зебо офаридани асар аввал ҷойгиршавии хатҳои равону мавҷнокро, ки ҳамбастагии нақшу нигорро ба вуҷуд меоранд, муайян кунед. Нақшу нигори меваю баргҳоро асосан дар ороиши либосҳо, зарфҳо, маснуоти чӯбӣ ва дар ороиши хона истифода мебаранд.

Нақшҳои мевагӣ аз ҷиҳати шакл содаву мураккаб ва



*Расми 33*



*Расми 34*

сершоху барг шуда метавонанд. Барои кашидани нақшҳои меваю баргҳо корро аз навда оғоз кунед. Хатҳои мавҷноки равон ба ҳар тараф паҳн шаванд. Аз рангҳои зарду сурхча-

тоб, гулобию бунафш, чигарию норинҷӣ истифода карда, кӯшиш кунед, ки ҳамоҳангӣ ва зебоиву таровати рангҳо боқӣ монад (ба расмҳои 33 ва 34 нигаред).

## ДАРСИ 24

## СУҲРОБ ҚУРБОНОВ

Суҳроб Қурбонов соли 1971 Донишгоҳи давлатии рассомии Маскав ба номи В. Н. Суриковро хатм кардааст.

Эҷодиёти ин рассом хусусиятҳои ба худ хос дорад.

Суҳроб Қурбонов дар мавзӯъҳои гуногун асарҳо эҷод



***Расми 35. "Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал" (Абӯалӣ ибни Сино)". Рассом С. Қурбонов***

кардааст, ки аз истеъдоди баланди эҷодкорию ҳунарии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар эҷодиёти ин рассоми моҳир асарҳои «Имтиҳон», «Бузкашӣ», «Ҷавонӣ», «Ҷӯрабек Муродов», «Тоҷикистони ман», «Оила» соҳиби замин ва ғайра бо тасвирҳои хоси бадеӣ ва шавқовариву пурмазмунии худ мавқеи махсус доранд. С. Қурбонов дар тасвирҳои манзаравӣ ва чеҳранигориаш зебоии табиати рангини диёр, вазъияту ҳолати рӯҳии инсонро бо нозукии ба худ хос ифода кардааст. Рассом тавассути ҳамоҳангии рангҳои сурх, норинҷӣ, зард на фақат зебоии зоҳирӣ, балки зебоиҳои ботинии қаҳрамононашро, ки аз нури маърифат ва илму ҳунар саршоранд (масалан, дар асари «Абӯалӣ ибни Сино»), инъикос кардааст. Ҳайкали ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар боғи «Дӯстии халқҳо», намоишгоҳи доимоамалкунанда дар хиёбони Рӯдакӣ, ороиши чандин бинову хиёбонҳои шаҳри Душанбе маҳсули эҷодиёти Суҳроб Қурбонов мебошанд. С. Қурбонов ҳамчун Рассоми халқии Тоҷикистон дар байни мардум шуҳрати баланд дошта, чандин сол раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон буд.

## ДАРСИ 25
## ЭҶОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ ЧАВГОНБОЗӢ

Чавгонбозӣ таърихи хеле қадим дорад. Ин намуди бозӣ дар сар то сари мамлакатҳои Шарқ, махсусан дар сарзамини тоҷикон яке аз бозиҳои машҳури миллӣ ба шумор меравад. Имрӯз низ дар бисёр деҳаҳо байни мардум ин бозӣ вуҷуд дорад. Шумо ҳангоми ба қалам додани раванди ин бозӣ ба хусусиятҳои асосии он – ҳаракат, тохтутоз, тарзи либоспӯшӣ, ҷойи бозӣ ва дигар ҷиҳатҳо диққат диҳед. Композитсияро тарзе тасвир кунед, ки мароқовариву рангинии бозии чавгон баръало намудор шавад. Баъд бо мӯқалам ба ороиш ва рангу бори он машғул шавед. Азбаски бозӣ дар сабзазор гузаронида мешавад, кӯшиш кунед, ки ороиши рангҳо дилкашу намоён бошаду зебоӣ ва ҳамбастагии рангҳои атроф пурра тасвир ёбанд.



*Расми 36 а*



*Расми 36 б*

САВОЛҲО

1. Чавгонбозӣ чӣ гуна таърих дорад?

2. Мароқовар тасвир кардани ин мавзӯъ ба чӣ вобастагӣ дорад?

## ДАРСИ 26

## НАТЮРМОРТ: ЧОЙНИК ВА ПИЁЛА

Азбаски чойник шаклҳои гуногун дорад, ҳангоми кашидани расм ба мавқеи ҷойгиршавии он диққат диҳед, то ки композитсия мароқовар тасвир шавад. Барои ҳамин, ба шакли аслӣ, дуриву наздикии ҷисм бодиққат нигаред ва тавассути қалам бо хатҳо нуқтаи асосии онро дуруст муайян кунед. Расмро аз ҳама ҷиҳат санҷед ва сипас ба тасвири он шурӯъ кунед.

Ҳангоми бо ранг кор кардан, ба равшанӣ, торикӣ ва ҳамоҳангии рангҳо эътибор диҳед. Аз рангҳои равшан, тира ва омехта истифода бурда, ранги аслӣ ва дилхоҳатонро пайдо кунед, зеро чунин тарзи кор ҳамоҳангии рангҳоро ба вуҷуд меорад.

Баъд бо мӯқалам рангро омезиш дода, шакли чойникро якбора бо ранг тасвир кунед. Ҳамчунин, таҳрангии гирди чойникро, ки аз таъсири ранги матоъ ва рӯшноии атроф тағйир меёбад, бодиққат тасвир кунед.

Кӯшиш кунед, ки тасвири рӯшноӣ, торикӣ ва сояафканӣ дар ҷисми тасвиршуда бо назардошти дар ҳамворӣ қарор доштани он моҳирона бошад (расмҳои 37 а, б).



*Расми 37 а*



*Расми 37 б*

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ҳар яки шумо ҳангоми фароғат расмҳои гуногунро тамошо мекунед. Агар ба расмҳо бодиққат нигаред, мебинед, ки ҳар як расм бо усулҳои гуногуни ороишӣ эҷодкорона офарида шудааст.

Ҳангоми сайру тамошои кӯчаву хиёбонҳо, манзараҳои дашту саҳро шумо парвози гуногуни парандагон, ба шохи дарахтон нишастани онҳоро дидаед. Мушоҳида кардаед, ки дарахтон бо шохҳои хушкшуда ва баргҳои хазонашон тасвирҳои аҷоибро ба хотир меоранд. Дар ин маврид тасвирро эҷодкорона аз шаклҳои гуногун ба қалам диҳед ва зимни ороиш рангҳои гуногунро истифода баред. Фаромӯш накунед, ки маҳз ҳамоҳангии рангҳо тасвиратонро зебо ва дилнишин мегардонад (ба расмҳои 38 ва 39 нигаред).



*Расми 38*



*Расми 39*

## ДАРСИ 27
## КОРҲОИ ОРОИШӢ

*Мавзӯъ*: **Нақшу нигор дар кулолгарӣ**

Ҳар як нақшу нигор ҳангоми бо рангҳо эҷодкорона ороиш додан дурахшон ва дилрабо мешавад. Аз ин рӯ, ҳар як ҳунарманд кӯшиш мекунад, ки нақши эҷодкардааш зебо барояд. Чунин нақшу нигорро рассомон бештар дар ороиши асбобҳои кулолӣ: табақчаю кӯзачаҳо, чойнику пиёлаҳо ва ғайра истифода мебаранд.

Устоҳои минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон дар ороиши нақшу нигори зарфҳо ба тарзи ороишу ҷойгиршавии ҳошия, шаклҳои гуногуни ҳаҷми он диққат медиҳанд. Дар нақшҳои лаъливу табақҳо бештар манзара ва унсурҳои табиат: меваҷоту баргҳоро истифода мебаранд. Одатан, гирду атрофи табақ, лаълӣ, кӯза ва косаҳоро ҳошияи гулу баргҳо иҳота мекунанд. Дар ин жанр ба ҳунари баланди рассомон



*Расми 40*



*Расми 41*

А. Қодиров ва Ю. Заболотников бодиққат назар кунед (ба расмҳои 40, 41, 42, 43 нигаред).

Дар варақ мустақилона аз рустаниҳои гуногун композитсияи ороиши табақҳоро (лаълиҳоро) тартиб диҳед. Нақшу нигори гуногунро бо гулу меваҳо ва баргҳо дар шакли доира тарзе ҷо ба ҷо гузоред, ки он аз эҷодкорӣ ва ҳунари шумо гувоҳӣ диҳад.



*Расми 42*



*Расми 43*

## ДАРСИ 28

## ТАСВИРИ МОШИНҲО

Машғулияти мошинсозӣ, тасвири шакли тамғаҳои гуногун ва сохтани конструксияи онҳо дар ташаккули маҳорати наврасон ёрии калон мерасонад. Дар ин ҳолат онҳо ба асосҳои мошинсозӣ, конструксияҳо, кори муҳаррикҳо (двигателҳо) ва механизмҳои гуногуни мошинҳо шинос мешаванд. Дар бисёр муассисаҳои таълимӣ маҳфилҳои гуногуни техникҳои ҷавон амал мекунанд, ки шавқу ҳаваси наврасонро ба техника бедор мекунанд.

Моделҳоро аз масолеҳи одӣ сохтан мумкин аст. Аз коғаз, қуттиҳои гуногун истифода бурда, моделҳои мошини сабукрав, боркаш ва автобусро созед. Мошини сабукравро дар намуди одӣ аз се қуттии гӯгирд сохтан мумкин аст. Барои ин ба андозаи муайяни росткунҷа ду қуттии гӯгирдро ба ҳам ширеш карда, дар болои он қуттии сеюмро гузоред ва баъд коғазро ба он тарзе ширеш кунед, ки шакли мошин намудор шавад.

Дар қисми поёнии паҳлуҳои он чор сӯрохӣ карда, аз онҳо сим гузаронед ва қисмҳои боқимондаро ҳангоми ороиш додан ба эътибор гиред. Барои дуруст иҷро кардани ин модел аз расмҳои 44, 45, 46, 47, 48 истифода баред.



***Расми 44***



***Расми 45***



***Расми 46***



***Расми 47***



***Расми 48***

## ДАРСИ 29
## ГИЛКОРӢ

Одамон аз замонҳои қадим ба гилкорӣ машғул буданд. Аз гилкорӣ санъати кулолгарӣ ба вуҷуд омадааст. Гил маводди аз ҳама паҳншудаи санъати ороиши бадеӣ ба шумор меравад. Аз гил табақ, коса, кӯза, сервизҳои ороишӣ, ҳайкалу ҳайкалчаҳои гуногуни одам, ҳайвоноту парандагонро месозанд.



*Расми 49. Мусиқичиён. Рассом В. Одинаев*

Лойро ба даст гирифта, лӯнда карда, ба рӯйи тахта гузоред. Баъд бо кафи даст то мулоим шуданаш онро молиш диҳед.

Ҳангоми иҷрои кор барои мустаҳкам нигоҳ доштани ҳайкалчаҳо аз сим ва шохчаи устувор такягоҳ созед. Сипас, шаклҳои умумии тан, сар, пой, даст, гӯш, чашм, бинӣ, либосро дар алоҳидагӣ сохта, ба ҳам пайваст кунед ва ороиш диҳед. Ҳар як пайвастшавӣ ва ороиши он бояд ҳангоми намнок будани гил бо ангушт ва белчаи ҳайкалтарошӣ иҷро карда шавад. Супоришро аз рӯйи ягон ҳайкал иҷро кунед.

Рассом В. Одинаев ва дигарон аз гил ҳайкалҳои гуногун сохта, биноҳои бисёрро ороиш додаанд (расми 49).

## ДАРСИ 30

## ТАСВИР АЗ РӮЙИ АФСОНА

Шумо афсонаҳои халқиро аз нақлҳои бобову бибиятон шунидаед. Аз тасаввурот ва хаёлоти худ аз рӯйи афсонаи дӯстдоштаатон расмеро тасвир кунед, ки олами афсона ва зебоиҳои онро таҷассум кунад.

Барои мароқовар баромадани расм онро аввал дар шакли композитсия кашед. Ҳолату ҳаракати онро ҳангоми




*Расми 50*

бо рангҳо кор кардан ишора кунед, то ки рангҳо аз ҳар ҷиҳат назаррабову дилфиреб ба назар расанд.

Расмҳои тасвиршударо бодиққат нигаред, сипас ба кори мустақилона, кашидани расм аз рӯйи афсонаи дӯстдоштаатон шурӯъ кунед (ба расми 50 нигаред).

## ДАРСИ 31
## ОФАРИДАНИ НАҚШҲОИ БАДЕЙ

Дарси ҳунар бояд аз ҷустуҷӯҳои эҷодӣ саршор бошад. Дар ин кор завқу салиқа мавқеи муҳим дорад. Тасвирро метавонед аз олами ҳайвонот, парандагон ва одамони накукор оғоз кунед. Кӯшиш кунед, ки композитсия аз ҳар ҷиҳат зебову рангин бошад. Инчунин, ба дуруст сохтани шакли ҳайвонот ва парандагон диққат диҳед.

Ҳангоми офаридани нақшҳои бадей ва расмҳои гуногуни ҳайкалчаҳо кӯшиш кунед, ки дар симои қаҳрамонон ҷиҳатҳои фарққунандаи хулқу атвори онҳо таҷассум гарданд.

Корро аз рӯйи нишондодҳои зерин иҷро кунед:

1. Омода сохтани такя. Такя бояд аз сими мисӣ ё ин ки шохчаи дарахти хушкшуда бошад. 2. Кор бо гил. 3. Давом додан ва ба анҷом расонидани кор (ба расмҳои 51 а, б нигаред).



*Расми 51 а*



*Расми 51 б*

## ДАРСИ 32
## НАТЮРМОРТИ ГУЛҲОИ РАНГОРАНГ

Гулҳо бо нафосату зебоии худ аз якдигар фарқ доранд. Гулҳои гуногун табиатро зебо ва рангин мекунанд. Чунин нафосату зебоӣ ҳангоми сайру гашт, тамошои табиат хеле дилкаш ба назар мерасад. Онҳо аз ҷиҳати шакл, рангу бӯй аз якдигар тафовут доранд. Агар ҷиҳатҳои аз якдигар фарққунандаи гулҳоро дарк кунем, иҷрои кори амалӣ натиҷаҳои хуб медиҳад.

Барои тартиб додани натюрморт якчанд намуди гулҳоро ҷудо карда, дар зарфи шишагӣ ё ин ки кӯзача бигузоред. Ба тарзе ки онҳо аз нигоҳи зебоиву ҳамоҳангӣ мароқовар ба назар бирасанд. Ҳангоми кор кардан бо ранг, онҳоро тавре омезиш диҳед, ки гулу баргҳо бо шаклу намуд, рӯшноӣ ва сояафкании худ ба аслашон монанд бошанд.

Тасвир бояд тарзе иҷро шавад, ки дурахшонӣ, тобишу хушоҳангии рангҳо нафису дилангез ифода ёбад (ба расмҳои 52 а, б нигаред).



*Расми 52 а*



*Расми 52 б*

## ДАРСИ 33

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ ДЕҲА

Манзараи деҳа зебоиҳои нотакрор дорад. Ба ин зебоиҳо бодиққат назар кунед ва онҳоро дар хотир нигоҳ доред. Ҷойи тасвирро тарзе интихоб кунед, ки ҷиҳатҳои композитсионӣ мароқовару пурмазмун ва назаррас бошанд. Тасвирро моҳирона ва тарзе ба қалам диҳед, ки дар он деҳаи зебову обод, саҳрои васеъ ва дарахтзор, кӯҳу дарё ва ғайраҳо акс



*Расми 53 а*



*Расми 53 б*

ёфта бошанд. Рангҳоро чунон ҳамоҳанг созед, ки манзараи рангин бо нишебиву пастӣ ва баландиҳояш аз ҷиҳати фарқияти рӯшноӣ ва сояафканӣ пурра таҷассум шавад (ба расмҳои 53 а, б нигаред).

## ДАРСИ 34
## РАССОМИ ЭҶОДКОР

Турдӣ Самандаров дар жанри графика (сиёҳқаламӣ) рассоми беҳамто буда, дар мавзӯъҳои гуногуни таърихӣ, манзараҳои кӯҳсор, чеҳраҳои дӯстон, ороиши китобҳо асарҳои бисёре эҷод кардааст.




*Расми 54. С. Айнӣ. Рассом Т.Самандаров*

Ӯ бо асарҳои худ чандин маротиба дар намоишҳои рассомон, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Маскав, Санкт-Петербург ва шаҳрҳои дигар баргузор шуда буд, ширкат варзидааст.

Дар мусаввараи графикии «Садриддин Айнӣ» рассом маънии ба адабиёт устуворона қадам гузоштани С. Айнӣ ва бунёди адабиёти навину фарҳанги волои қаҳрамонро тавассути парандаҳои дар парвозбуда ифода кардааст. Дар асар симои хирадмандонаи адиб ва нигоҳи дурандешонаи ӯ хеле барҷаста тасвир ёфтааст. Чеҳраи нависанда пурнур, нигоҳаш рамзнок буда, умедвор аст, ки наслҳои шоиста ба камол расида, шуҳрати адабиёту санъати оламгири тоҷикро ба зинаҳои боз ҳам баланд мебардоранд.

Асари «Водии Аличур»-и Турдӣ Самандаров низ хеле пурмазмун офарида шудааст.



*Расми 55. Водии Аличур. Рассом Т. Самандаров*

САВОЛҲО

1. Жанри графика (сиёҳқаламӣ) чӣ гуна жанр аст?
2. Бо қалами кадом рассом чеҳраи С. Айнӣ эҷод шудааст?
3. Дар чеҳраи С. Айнӣ чӣ гуна нигоҳ ва образ тасвир ёфтааст?

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Манзараи кайҳон зебоиҳои хоси худро дорад. Дар хусуси манзараи кайҳон (Моҳ, Офтоб, сайёраҳои дигар ва ситораҳо) бисёр филмҳо тамошо кардаед ва нақлу ривоятҳои гуногун шунидаед. Акнун, дар асоси ин нақлу ривоятҳо аз тасаввурот ва хаёлоти худ композитсияро тарзе ба қалам диҳед, ки манзараи зебои олами афсонавиро ба хотир орад. Шояд тасвирро аз парвози одам ба кайҳон огоз мекунед, то ки ин манзараи аҷибу дилпазир парвози ракетаро бо инсон дар фазои рангину беохир таҷассум кунад (расми 56 а, б).

Ин зебоиҳои дилпазирро бо рангҳои бунафш, норинҷӣ, гулобӣ ва зард бо ҳамоҳангии рангҳои дигар ороиш диҳед.

Ба корҳои ороишӣ машғул шавед. Ҳар як расм усулҳои гуногуни тасвири худро дорад. Вай бояд тавре ба қалам дода шавад, ки хусусиятҳои ороиши худро ба таври дурахшон нигоҳ дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми иҷрои корҳои ороишӣ шумо бояд хусусияти рангҳоро ба эътибор гиред. Зебоии ороиш ба ҳамоҳангии рангҳо вобаста аст, инро дар нигоҳи аввал



*Расми 56 а*



*Расми 56 б*

бояд пай баред. Расмро бо акварел ва гуаш тарзе оро диҳед, ки тобишу хусусияти тозагӣ намудор шавад.

Барои дуруст истифода бурдани рангҳо дар ороиш ба шумо якчанд расмро тавсия медиҳем.

## ШИНОСОӢ БО РАССОМ САБЗАЛӢ ШАРИФОВ

Сабзалӣ Шарифов дар жанрҳои гуногун асарҳо офаридааст. Асарҳои офаридаи ӯ «Роғун», «Наврӯз», «Шӯриши Восеъ», «Сино», «Қуллаҳои устод Муъминшоҳ», «Г. Сафиева» аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои ӯ мебошанд.

Асарҳояш дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод, дар осорхонаҳо ва нигористонҳои ИМА, Олмон, Швейтсария, Лаҳистон, Кипр, Австралия, Нигористони давлатии Третякови Федератсияи Русия ва ғайра ба намоиш гузошта шудаанд.



***Расми 57. Тасвири тирамоҳ. Рассом С. Шарифов***



*Расми 58. Зимистон. Рассом С. Шарифов*



*Расми 59. Баҳор. Рассом В. Назаров*



***Расми 60. Тобистон. Рассом В. Назаров***



*Расми 61. Манзара. Рассом А. Хошмуҳаммадов*



*Расми 62. Нисфирӯзӣ. Рассом А. Бесперстов*



***Расми 63. Раққосадухтар. Рассом М. Бекназаров***



*Расми 64. Расми шоира Г. Сафиева. Рассом С. Шарифов*



*Расми 65. Коинот*



***Расми 66***



***Расми 67***



*Расми 68. Қалъаи шаҳри Хуҷанд*



*Расми 69. Мақбараи Хоҷа Машҳад дар Шаҳритус*



***Расми 70. Тасвири монументалӣ дар бинои***



*Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон*



*Расми 71*



*Расми 72*



*Расми 73*



*Расми 74*



*Расми 75*

# Санъати тасвирӣ

# 6



# ДАРСИ 1
## ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНАИ МАН

### *Мавзӯъ:* Тасвири манзараи атроф

Ҳангоми дамгирӣ ба макони интихобкардаатон бо диққат назар кунед ва бинед, ки одамон ба чӣ кор машғуланд. Манзараҳои гирду атроф бо кадом ҷиҳатҳои зебоияшон диққати шуморо ба худ ҷалб месозанд. Кӯшиш кунед, ки ин зебоиро якҷоя бо кори деҳқонон, боғпарварону кишоварзон, бо олами наботот, парвозу ҳаракати парандагон эҷодкорона ба қалам бидиҳед. Ин манзараро тарзе тасвир кунед, ки як гӯшаи хушманзаратарини деҳаро ба хотир орад.

Дар тасвир бояд зебоии фарқшаванда, ҳаракати хатҳои ҷудогона, ки онро ҷозибанок месозанд, равшан ифода



*Расми 1*



*Расми 2*



*Расми 3*

ёбанд. Қисмҳои алоҳидаи баландию нишебиҳои теппаву пайраҳаҳои печ дар печ ва дарахтони гуногун, ки ҷилои зебоиҳои табиат дар он ҷо дурахшон аст, дар тасвир ҷойи асосиро ишғол мекунанд.

Амалро ба воситаи тасвирҳои бадеӣ ва эҷодӣ дар ҳамбастагӣ бо рангҳои дилпазир мукаммал ва ғанӣ гардонед. Кӯшиш кунед, ки рангҳои равшан ва торик бо тобишҳои аслии манзара мутобиқ бошанд. Барои ҷойгиркунии дурусти объектҳо бомаҳорат истифода бурдани рангҳои пасту баланд ва дурахшон ёрӣ мерасонанд. Тасвирро тарзе ба анҷом расонед, ки он олами ҳақиқии афсонавиро ба хотир орад.

## ДАРСИ 2
## САНЪАТИ НАҚШУ НИГОР

Таърихи санъати нақшу нигори халқи тоҷик хеле бою рангин аст. Тоҷикон ин намуди санъатро аз қадимулайём бо тамоми нозукиҳояш аз насл ба насл то замони мо нигоҳ дошта, устоҳои гулдастро ба камол расонидаанд. Шумо ба ҳунари зебои кулолгарони ҷумҳурӣ, ки дар Зарафшону Бадахшон, Ҳисору Хатлон, Рашт ва Суғд кору зиндагӣ мекунанд, шинос ҳастед. Ҳунари кулолгарони ин минтақаҳо бо усулҳои хосу гуногуни худ аз якдигар фарқ мекунанд.

Маҳсулоти кулолии мардуми мо хеле зебою рангин, махсусан бо тасвири гулу рустанӣ ва мева оро дода меша-



*Расми 4. "Қонуни зиндагӣ", амали кандакор Х. Ҷумъаев*

ванд. Зарфҳои сохтаи устоҳои Исфара бо хатҳои нотакрор ороишҳои дилчаспу зебоиҳои махсуси миллиашон фарқ мекунанд. Тобиши аслии зарфҳои кулолгарони Истаравшану Исфара сафеду гулобӣ ва бунафш буда, нақшу нигорашон хеле рангину дилпазир аст. Бисёр устоҳои ноҳияҳои мазкур зимни ороиш ранги кабуди осмониро бо рангҳои гулобии нилгун ва сабзу бунафш, сурху ҷигарӣ истифода мебаранд, ки дилфиреб ба назар мерасад. Асару намунаи ҳунари онҳо солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар Маскав, Санкт-Петербург, Теҳрон, Кобул, Деҳли, Шанхай ва ғайра таваҷҷуҳи ҳазорҳо нафар тамошобинонро ба худ ҷалб сохтаанд.

Чунин зарфҳои сафолии ороишӣ хонаи ҳар яки моро бо рангҳои дилчаспи худ зеб медиҳанд. *(Зарфҳои бо нақшу нигор ороишёфтаро бодиққат аз назар гузаронед. Ҳангоми фароғат ва ё дар дарсҳои санъати тасвирӣ аз хаёл чунин зарфҳоро рӯйи коғаз оварда, кӯшиш кунед, ки зебоиву ҳамбастагии рангҳо моҳирона ва дилчасп таҷассум ёбанд).*

## ДАРСИ 3

## МАНЗАРАИ ДЕҲА

Зебоии манзараро ҳангоми кунҷковона назар кардан, мушоҳида мекунем. Чунин мушоҳидакорӣ ба мо имкон медиҳад, ки зебоиҳои рангини атрофро дарк намоем. Барои иҷрои тасвири манзара зарур аст, ки маҳал ва муҳити дилхоҳу шавқангезро интихоб карда, акси онро дар коғаз тасвир кунем.



*Расми 5 а*



*Расми 5 б*

Дар интихоби манзараи табиат рассом бояд саросема нашавад. Масалан, агар мо манзараи деҳотро тасвир карданӣ бошем, бояд кӯшиш намоем, ки ҷиҳатҳои бадеии объекти тасвиршаванда, зебоии атроф дар ҷараёни кор ва саъю кӯшиши мардум барои беҳбудии зиндагӣ ва сохтмону ободонӣ омехта тасвир ёбад.

Кӯшиш кунед, ки тасвири шумо ҳам аз ҷиҳати бадеӣ бо истифодаи дурусти рангҳо ва ҳам аз ҷиҳати ҷобаҷогузории ашёи тасвир табиӣ барояд (ба расмҳои 5 а ва 5 б нигаред).

## ДАРСИ 4
## НАТЮРМОРТ АЗ МЕВАҲО

Ба маводе, ки расми онро мекашед, дар навбати аввал бодиққат нигаред ва муайян кунед, ки тасвири онҳо дар кадом тарафи рӯйи коғаз мувофиқ аст. Пеш аз ҳама хатҳои борики ёрирасонро, ки бояд мувофики шакли ҷисм бошанд, ба қалам диҳед. Кӯшиш кунед, ки шакли табиии ҷисмро айнан нишон диҳед. Ҳангоме ки мо ашёи олами атроф, таносуби рангҳо, шакли хатҳо ва сохти онро меомӯзем, имкониятҳои нави ифодаи образ ва сохтани мавқеъ ва мақоми ин ё он ҷисм, ҷозибаи бадеӣ ва таносуби равшаниву сояғии онро пайдо мекунем. Барои мушоҳида кардани хусусият ва таносубҳо корҳои баъзе аз рассомонро аз назар мегузаронем. Ҳангоми мушоҳидаи натюрморт мебинем, ки



*Расми 6 а*



*Расми 6 б*



*Расми 6 в*

ҳар яке аз ашё ҷойи муайяни худро дорад (ба расмҳои 6 а, б, в нигаред).

Ҳар як ҷисм дорои ранги хос аст. Масалан, ранги себ сурх ё зардчатоб, ранги бодиринг сабз аст. Аммо, вақте ки онҳоро дар миёни меваҳо ё ашёи дигар ҷой медиҳем, ранги онҳо каму беш дигар мешавад, дар ин ҳолат тобиши ашёи натюрморт низ тағйир меёбад. Амалро аз тасвири ҷисми калонҳаҷм шурӯъ кунед. Баъд аз ин, тобиши рангҳои ҳар як ҷисмро интихоб карда, сайъ кунед, ки рангҳо мувофиқи шакли аслии ашё равшан ва назаррас тасвир шаванд. Ҳамчунин, ба дурнамоии ашё ва рангҳо диққат диҳед.

## ДАРСИ 5
## ТАСВИРИ МЕВА ВА БАРГ

Супоришро тавре иҷро кунед, ки маҳорати эҷодкоронаи шумо дар мундариҷаи расм назаррас бошад. Азбаски натюрморт бояд дар шаклҳои гуногун ва зебо тасвир ёбад, бояд шаклҳои умумии таносуби барг ва меваро, тавре ки мебинед, ҳамон тавр нишон диҳед.

Рангро дар рӯйи расм тавре омезиш диҳед, ки нишебӣ, баландӣ, ҳамбастагии фазоии рангҳои дилпазир муъҷизакорона тасвир гарданд. Унсурҳои ҷудогонаи расм бояд мувофиқи рангҳо интихоб шуда, ҷисмҳои дуру наздикро фаро гиранд. Агар рӯшноии ранг диққатҷалбкунанда бошад, пас тобиши онҳоро бо рангҳои асосӣ: сурх, зард, норинҷӣ,



*Расми 7 а*



*Расми 7 б*

чигарӣ ва барои тасвири қисмҳои сояафкан рангҳои кабуд, сабз, бунафшро омехта кардан лозим аст, то ки тобиши бисёрранга дар расм назаррас шавад. Ин усули кор барои зоҳиршавии шакл ва дилпазир кардани сифату тобиши ранг аз аҳамият холӣ нест (ба расмҳои 7 а, б, в нигаред).



*Расми 7 в*

## ДАРСИ 6
## ТАСВИРИ ТИРАМОҲИ ЗАРРИН

Ҳар як фасл зебоии худро дорад. Фасли тирамоҳ бо рангҳои зарду зарҳалӣ фарқ мекунад ва беҳуда нест, ки ин фаслро тирамоҳи заррин меноманд. Шумо якчанд барги гуногунрангро барои тасвир интихоб кунед. Пеш аз тасвир баргҳоро дуруст ҷо ба ҷо гузоред.

Интихоби нуқтаи асосӣ, муайян сохтани ҳаҷму андозаи баргҳо, ба таври мувофиқ ва мароқовар ҷой додани онҳо дар рӯйи коғаз ва ғайраҳо масъалаҳоеанд, ки пеш аз ба расмкашӣ оғоз кардан бояд иҷро карда шаванд.

Пеш аз оғози кор бояд якчанд натюрмортро бодиққат омӯхта, баъзе хусусиятҳои нозуки онро мушоҳида кунед, то ки кори амалӣ эҷодкорона иҷро шавад.

Тасвирро аз интихоби нуқта ва хатҳои ёрирасон шурӯъ кардан беҳтар аст. То ки зебоии ҷисм ва хусусиятҳои фарқкунандаи он дар тасвир хуб ба назар бирасад. Ҳангоми мушоҳидаи натюрморт мебинем, ки ҳар яке аз баргҳо ва

шохчаҳо дорои ранги хос буда, зард, норинҷӣ, сурх ё ҷигарӣ мешаванд. Вақте ки онҳоро якҷоя ҷой медиҳем, ранги онҳо каме тағйир меёбад ва тобишашон ба соягӣ ва равшанӣ вобаста мешавад. Ҳангоми тасвир кардан ба таносуби баргҳо эътибор диҳед.



*Расми 8 а*



*Расми 8 б*

Ғайр аз ин, ба тобиши рангҳо аз нуқтаи назари равшание, ки аз ҷисми дар атрофбуда соя меафканад, таваҷҷуҳ кардан лозим аст. Чӣ қадаре ки ҷисм аз назар ё нигоҳи мо дур бошад, ҳамон қадар хурд ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ба тобиши аслии рангҳо, ки дурахшону пурнур менамоянд, диққат додан зарур аст (ба расмҳои 8 а, б нигаред).

**САВОЛҲО**

1. Чаро тасвирро дар рӯйи коғаз аз нуқта ва хатҳои ёрирасон оғоз мекунанд?
2. Тағйирёбии рангҳо ҳангоми тасвир аз асл ба чӣ вобастагӣ дорад?
3. Тасвири фазои перспективии дуру наздикро бо кадом рангҳо акс мекунанд?

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ҳангоми фароғат ба корҳои ороишӣ машғул шавед. Варақи тозаи албомро дар болои тахтача бо мехчаҳои махсус часпонед. Бо мӯқалами мулоим аз боло ба поён бо туши сиёҳ яклухт онро ранг кунед. Баъди хушк шудан боз мисли пештара онро такроран ранг кунед ва дар ҳамворӣ онро то дами хушк шудан нигоҳ доред. Мувофиқи мавзӯъ расмро аз хатҳои борик шурӯъ кунед. Ҷойҳои равшанро бо хатҳои фарқшаванда (контур) ва ҷойҳои сояро бо хатҳои рах-рах пур созед.

Бо сими ҷӯроббофӣ, ки нӯгаш тез аст, аз рӯйи хат рангро тарошед, то ки хат бо дурахши сафедии коғаз намоён шавад. Ин супоришро бо роҳи дигар низ иҷро кардан мумкин аст. Дар рӯйи варақ бо хати ноаён расмро кашед. Сипас, бо рангҳои сурх, сабз, норинҷӣ ва бунафш расмро бо мӯқалам дурахшон кунед. Ҷойҳои сояро бо аломати махсус (штрих) нишон диҳед. Кӯшиш кунед, ки зебоӣ ва нафосати тасвир бо салиқаи хуби ҳунарӣ омезиш ёбанд. Барои иҷрои супориш аз расмҳои мавҷуда истифода баред (ба расмҳои 9 а ва 9 б нигаред).



***Расми 9 а***



***Расми 9 б***

## ДАРСИ 7

## КАШИДАНИ РАСМ АЗ РӮЙИ АФСОНА

Пеш аз кашидани расм аз рӯйи афсона китобҳои бадеии хондаатонро ба хотир оред ва мулоҳиза кунед, ки аз кадом

афсона ҳодиса ва лаҳзаҳои ҷолиби онро бояд тасвир кунед (қаҳрамонҳои дӯстдошта, лаҳзаҳои корнамоии онҳо, ҷойи воқеа ва ғайра).

Расмро баъд аз интихоби мавзӯъ ба таври тахминӣ бо қалам тасвир кунед, зеро он ба инкишофи малакаҳои эҷодкории шумо ёрӣ мерасонад. Пеш аз ҳама, қаҳрамонҳо ва персонажҳои марказиро муайян карда, боқимондаро баъди ба қалам додани ҷузъҳои асосӣ тасвир кунед. Тасвирро бо рангҳои пасту баланд тобиш диҳед, то ки зебову дурахшон таҷассум шавад (ба расмҳои 10 а, 10 б нигаред).



*Расми 10 а*



*Расми 10 б*

# ДАРСИ 8
# ТАРРОҲӢ

Солҳои охир калимаи тарроҳӣ – дизайнро бештар истифода мекунанд. Дар ҳаёт ашёҳои зебову рангини олами атрофро мебинем. Ин ашёи зебо ба мо шодиву фараҳ мебахшанд. Тарроҳии (дизайн) беҳтарини ҳунармандони ин соҳа, бахусус амали ҷавонон, моро ба ҳайрат меорад. Тасвирҳои эҷодкардаи онҳо шакли зебову нотакрор доранд ва барои истифода хеле мувофиқанд. Омӯзиши ин ҳунар аз наврасӣ ҳангоми таҳсил дар мактаб шурӯъ мешавад. Дар машғулиятҳои амалӣ аз санъати тасвирӣ ва нақшу нигори дастӣ мо бо асбобҳои техникии гуногун шинос шуда, муҳити зисти худро пеши назар меорем. Дар натиҷаи ин мушоҳидаҳо тасаввуроти тарроҳии мо ташаккул меёбад.

Агар ба таърихи санъати гузаштагонамон назар андозем, мебинем, ки онҳо аз қадим мардуми эҷодкор ва ороишгар будаанд. Шиносоӣ бо ҳунарҳои халқӣ, ороиши китобу муҷассамаю зарфҳои сафолин, кандакорӣ дар чӯб, осори рӯйи санг, тасвири ҳаракати нақлиёт, сохтани лӯхтак ва ғайраҳо моро ба зинаи аввали эҷодкории тарроҳӣ ошно мекунад.



***Расми 11***

Машгулиятҳои амалӣ оид ба тарроҳӣ дар инкишофи қобилияту маҳорати эҷодии ҷавонон ёрӣ мерасонад. Ҳангоми сохтани тарҳи ҷисм бояд шакли ҷузъҳои фарқшаванда ва зебоии аслии онро ба эътибор гирем. Дар дарсҳо, ҳангоми сохтани шакли ин ё он ҷисм ва муҷассама имконият пайдо мешавад, ки фарқият, андоза, дарозӣ ва ғафсии онро омӯзем, зеро таносуби рангҳо ва истифодаи онҳо барои ороиши нақшу нигор ёрӣ мерасонад. Чунин тарзи иҷрои корҳои амалӣ эҷодкорро ба сохтани ашёи зебову нафис шавқманд мегардонад ва чун тарроҳ ба камол мерасонад.

Акнун барои иҷрои ин супориш аз расму тасвирҳои овардашуда истифода баред (ба расмҳои 11, 12, 13 нигаред).



***Расми 12***



***Расми 13***

## ДАРСИ 9
## НАТЮРМОРТ АЗ САБЗАВОТ

Сабзавот дар ҳама маҳалҳои Тоҷикистон фаровон аст. Ба намудҳои гуногуни сабзавот нигоҳ карда, ҷузъҳои фарқшаванда ва ҷойгиршавии онҳоро дар варақ ба инобат гирифтан зарур аст. Бояд тасвир аз кашидани хатҳои равон, ки шакли умумии ҷисмҳои аслиро инъикос менамоянд, оғоз шавад.

Баъди бо хатҳои борику тахминӣ иҷро кардани тасвир ҳамшавии хатҳои аслиро бори дигар санҷида, кӯшиш кунед, ки дар расм хусусиятҳои хоси эҷодкории шумо ба назар намоён бошад. Азбаски рангҳои сабзавот хеле гуногунанд, ҳангоми бо ранг кор кардан ба хусусиятҳои тобиши онҳо,

ки аз рӯшноӣ тағйир меёбанд, диққат диҳед (ба расмҳои 14 а, б нигаред). Ранги расм хушк нашуда, таносуби рангҳои мувофиқ ва ҷузъҳои фарқшавандаи амалро бо мӯқалам дурахшонтар кунед. Баъд аз ин кӯшиш кунед, ки шаффофии рангҳо ва тобишу хосияти тозагии онҳо дар расм аён шавад. Ҷузъҳои ҷудогонаро, ки бо рангҳои баланд дар расм инъикос ёфтаанд, ба назар гиред. Амалро бо рангҳои мувофиқу дилпазир зебо анҷом диҳед, то ки эҳсосоти эҷодкории шумо дар расм аён шавад.



*Расми 14 а*



*Расми 14 б*

## ДАРСИ 10
## САНЪАТИ ТАСВИРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Санъати тасвирии халқи тоҷик таърихи тӯлонӣ дорад. Қадимтарин ёдгориҳои санъати халқи тоҷик ба асри санг тааллуқ дорад. Дар сарзамини Тоҷикистон аз тарафи бостоншиносон тасвирҳои бисёри рӯйи санг кашф шудааст, ки 5-8 ҳазор сол пеш аз солшумории мо кашида шудаанд. Махсусан, аз тарафи одамон шикор шудани ҳайвонҳои ёбоӣ хеле зиёд ҳаккокӣ шудааст. Тасвирҳои рӯйи санг, ки бо хатҳои фарқшаванда инъикос ёфтаанд, ёдгориҳои асри санг ба шумор мераванд.

Тасвири одамону ҳайвонот дар рӯйи сангҳоро, ки бештар ҷашнҳо, шикор ва ҷангҳоро инъикос менамоянд, петроглиф меноманд. Чунин петроглифҳо асосан дар чарогоҳҳо, сангҳои сари чашмаҳо, роҳҳои корвонгузар дида мешаванд. Онҳо аз зиндагии сокинони ҳамон макон, рӯзгори чорводорон ва шикорчиён ҳикоят мекунанд.

Гузаштагони халқи тоҷик – Суғдиён ва Бохтариён маданияти пешрафта ва санъати волои меъморӣ, муҷассамасозӣ, рассомӣ, кулолгарӣ, бофандагӣ ва ғайраҳо доштаанд. Онҳо дар ин сарзамин шаҳрҳои зебову тараққикарда, ба монанди Ҳирот, Балх, Бухоро, Самарқанд, Ҳулбук, Хуҷанд ва ғайраро бунёд кардаанд. Дар Суғду Бохтар навъҳои гуногуни санъат рӯ ба пешравӣ ниҳода, тиҷорат бо мамлакатҳои Аврупо, Ҳиндустон ва Чин ривоҷ ёфта буд.

Мутаассифона, дар натиҷаи ҷангҳои ғоратгарона, махсусан ҳангоми лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ ва муғулҳо шаҳрҳои давлатҳои Суғду Бохтар рӯ ба харобӣ ниҳоданд. Осори санъати халқи тоҷик дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои бостоншиносӣ дар Аҷинатеппа, Самарқанд, Вахшу Бухоро, Панҷакент, Ҳулбук, Шаҳристон ва маҳалҳои дигар ба даст омадаанд.

Шаҳраки Тахти Сангин, ки ба асрҳои 4-3 пеш аз милод тааллуқ дорад, дар Қубодиён воқеъ буда, аз ёдгориҳои барҷастаи маданияти бостонӣ ба шумор меравад. Бостоншиносон аз ин ҷо бештар аз панҷ ҳазор адад асари барҷастаи санъат, сангҳои ороишии қиматбаҳо, тангаҳо,



*Расми 15*

ашёи биринчӣ ва устухон ёфтаанд. Ин ёдгориҳо аз санъати баланди гузаштагони халқи тоҷик шаҳодат медиҳанд.

Аз Истаравшан ва дигар ноҳияҳои вилояти Суғд бисёр деворнигораҳо бо релефҳои гилину чӯбин ва ҳайкалҳои аҷоиб ёфт шудаанд. Расмҳои девори Панҷакенти қадим дар асоси достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ офарида шудаанд. Қисми дигари расмҳо ба мавзӯъҳои ҳаётӣ, манзараҳои ҷангу муҳорибаҳо бахшида шуда, бо нигориш ва мазмуну мундариҷаи бойи худ бинандаро дар ҳайрат мегузоранд. Дар миёни ин бозёфтҳо тасвири нардбозӣ, гӯштигирӣ ва гурӯҳи ҷанговарони савораро дидан мумкин аст.



*Расми 16*



***Расми 17. Манораи масҷиди Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ***

Суғдиён махсусан дар тасвири инсон маҳорати баланд доштаанд. Ёдгориҳои санъати рассомӣ ва муҷассамасозӣ, ки дар Панҷакент пайдо кардаанд, намунаи барҷастаи санъати аҷдодони мо мебошанд. Ҳангоми гузаронидани ҳафриёт бостоншиносон аз Мазори Чилтани ноҳияи Фархор маснуоти



***Расми 18. Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб***

зиёде ёфтанд, ки таърихи 4200-сола доранд. Аз мазори қабристони Иттифоқи ҳамин ноҳия як порчаи суфи карбосии гулдӯзӣ ёфт шудааст, ки он аз таърихи беш аз 1800-сола гувоҳӣ медиҳад. Ин гулдӯзӣ то ҳол сифати нақшу нигори пешинаашро нигоҳ дошта, дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба намоиш гузошта шудааст.



***Расми 19. Гулдӯзӣ***

Пойтахти давлати Сомониён – Бухоро бо дуконҳои зиёди китобфурӯшӣ ва китобхонаҳои бузурги худ таваҷҷуҳи сайёҳонро ҷалб мекард. Замони Сомониён қуллаи баланди рушди санъати ороишӣ ва нақшу нигор ба шумор рафта, комёбиҳои беназири санъати наққошӣ ва тараққиёти баланди маданияти халқи тоҷикро нишон медиҳад.

**САВОЛҲО**

1. Ёдгориҳои санъати тасвирии қадими тоҷикон ба кадом асрҳо тааллуқ доранд?
2. Тасвирҳои рӯйи девори шаҳри Панҷакент дар асоси кадом достонҳо офарида шудаанд?
3. Комёбиҳои беназири санъати замони Сомониёнро номбар кунед.

## ДАРСИ 11

## ТАСВИР АЗ АСЛ ДАСТАРХОНИ ОРОСТА

Дар маросимҳои ид, тӯй ва маъракаю ҷашнҳои гуногун ҳар хонадони тоҷик дастархони пурнозу неъмат меорояд. Рӯйи дастархон бо навъҳои гуногуни хӯрданӣ: ширинӣ, меваҷот, кулчаву нонҳои гуногун ва хӯришҳои зиёд ороста мешавад. Масалан, дар рӯзи Наврӯз дастархонро бо ҳафтшину ҳафтсин оро медиҳанд. Азбаски ин дастархони оросташуда зебоии нотакрор дорад, диққати рассомонро хоҳу ноҳоҳ ба худ ҷалб месозад.

Метавонед қалам ба даст гирифта ин дастархони бо мева ва хӯришҳо оростаро рӯйи коғаз тасвир кунед. Кӯшиш кунед, ки тарзи ҷойгиршавии хӯрданиҳои дастархонро аз ҳар ҷиҳат мароқовару эҷодкорона ба қалам диҳед. Дар навбати аввал ба шаклҳои гуногуни меваҳо диққат диҳед. Сипас, расмро бо хатҳои назаррас, бо баҳисобгирии зебоии фарқшавандаи ҷисмҳо ба қалам диҳед. Амалро бо ранг тавре тасвир кунед, ки дурахшонӣ ва сояафкании шакли ашё дар расм равшан таҷассум ёбанд. Тобиши рангҳои сурх, зард, норинҷиро, ки фарқияти гуногуни ранги ҷисмҳоро нишон медиҳанд, устокорона истифода баред, то ки моҳияти асар маълум шавад.

## ДАРСИ 12
## АМАЛИ ОРОИШӢ



*Расми 20 а*



*Расми 20 б*

Омӯзиши санъати ороишӣ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии мактабиён ва тарбияи онҳо таъсири зиёд мерасонад. Санъати ороишӣ моро ба ҳунари тарроҳӣ наздик мекунад. Маҳорати ороишдиҳии зебои ҳунармандони халқӣ хусусан ба ташаккули завқи бадеии наврасон ҳаматарафа ёрӣ расонда, дар вуҷуди онҳо ҳисси эҳтиромро нисбат ба заҳмату эҷодкориҳои мардум бедор мекунад.

Зебоӣ ва нафосати рангҳои табиат дар асарҳои рассомон диққати ҳар як инсонро ба худ ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, ҳар

як рассоми эҷодкор кӯшиш мекунад, ки мусаввараҳояш зебо ва нафис бошанд. Ҳангоми тамошои асарҳои бадеӣ, баъзе ҷиҳатҳои зебоии онҳоро дар амали худ истифода бурда, кӯшиш кунед, ки ороиши зебо ва дилкаш эҷод кунед.

Амали ороишӣ инчунин хонандагонро барои навиштани ҳарфҳои гуногун (шрифт), ороишҳои тасвирӣ ва нусхаҳо омода месозад. Зебоии ҳар як амали ороиш ба рангҳо низ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ороиш аз рангҳои гуногун истифода бурдан зарур аст (ба расми 21 нигаред).



*Расми 21*

## ДАРСИ 13

## ОФАРИДАНИ ПАЙКАРАИ ПАРАНДАГОН АЗ ГИЛ

Офаридани пайкара як соҳаи хоси санъат аст. Ҳангоми офаридани пайкара пластилин ва ё гили кулолгариро истифода кунед. Барои сохтани ҳайкалҳои гуногун гилро майда карда, ба сатил бирезед ва баъд ба он як миқдор об рехта нигоҳ доред. Баъди як рӯз оби зиёдатиро аз сатил гирифта, гилро бо даст омехта кунед, то ки барои сохтани пайкара мувофиқ шавад.

Ҳангоми аз гил сохтани ҳайкал бештар бо ангуштон ва кафи даст кор кардан лозим аст. Инчунин, барои ҳамвор кардан ва ороиш додани қисмҳои ҷудогонаи ҳайкал белчаи чӯбиро низ истифода мебаранд.

Масалан, аз гил тасвирҳои аҷоиби парандагонро дар шаклҳои гуногун месозанд. Бо мақсади мароқовар эҷод кардани пайкара пешакӣ ба ҳаракати парандагон ҳангоми парвоз ва нишастан таваҷҷуҳи ҷиддӣ кунед, бо асарҳои гуногуни рассомон оид ба ин мавзӯъ шинос шавед, зеро чунин омода шудан ва омӯзиш ба кори эҷодии шумо ҳаматарафа мусоидат мекунад. Пайкарасозиро аз ҷузъи фарқшавандаи паранда оғоз кардан лозим аст. Баъд қисмҳои ҷудогонаи он – пой, қанот, чашм, нӯлро алоҳида сохта, ба тана пайванд кардан беҳтар аст (ба расмҳои 22 а, б ва 23 нигаред).



*Расми 22 а*



*Расми 22 б*



*Расми 23*

## ДАРСИ 14
## КАМОЛИДДИНИ БЕҲЗОД

Беҳзод соли 1455 дар Ҳирот дар оилаи косиби камбағал ба дунё омадааст. Ӯ аз айёми хурдсолӣ аз навозиши гарми падару модар бенасиб мешавад ва дар тарбияи хешовандонаш ба воя мерасад. Нозукиҳои санъати тасвириро дар навбати аввал аз устодонаш Пир Сайид Аҳмади Табрезӣ ва Мираки Наққош омӯхтааст. Аз сабаби ноором будани вазъи сиёсӣ Беҳзод соли 1520 ба шаҳри Табрез мекӯчад. Ӯ дар он ҷо шогирдони зиёдеро тарбия мекунад, ки аз байни онҳо Ҳоҷӣ Абдулазиз, устод Музаффар Алӣ ва дигар рассомони беҳтаринро номбар кардан мумкин аст. Ӯ бо ҳунари худ дар офаридани симоҳои мутафаккирони бузург ва сарварони сиёсии Шарқ Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро ва як қатор ҳамзамонони худ аз нозукиҳои санъати рассомӣ хеле моҳирона истифода бурда, ҳамчун рассом дар тамоми Шарқ шуҳрат пайдо кардааст.

Ғиёсиддини Хондамир – тазкиранависи тоҷик дар васфи истеъдоди нотакрори ин рассоми бузург гуфтааст:

*Устоди замон ҳазрати Беҳзод аст,*
*К-ӯ доди ҳунарварӣ ба олам додаст.*
*Кам зод ба сони Монӣ аз модар даҳр,*
*Биллоҳ, ки Беҳзод аз ӯ беҳ зодаст.*



***Расми 24. Шикор***



*Расми 25. Суҳбати шеър*



*Расми 26. Вохўрӣ*

Бисёр асарҳои офаридаи ин рассоми нотакрорро дар китобхонаву осорхонаҳои Англия, Амрико, Фаронса, Эрон, Миср, Санкт-Петербург ва мамлакатҳои дигар дидан мумкин аст (ба намунаҳои асарҳои Беҳзод нигаред). Ин асарҳо аз тарафи санъатшиносон, аҳли илму адаби кишварҳои пешрафтаи Ғарб баҳои баланд гирифта, то ба имрӯз ҳам нафосату зебоии худро гум накардаанд. Беҳуда нест, ки ӯро рассомони маъруфи дунё ба хотири мазмуни баланди минётурии асарҳояш Рафаэли Шарқ номидаанд.

Беҳзод асарҳои худро бештар ба тасвири манзараҳои табиати рангини Ҳироту Табрез бахшидааст.

Камолиддини Беҳзод минётураи «Аёдати хешон Маҷнунро» аз рӯйи достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ офаридааст. Аз мазмуни расм бармеояд, ки хешовандон аз ҳолати Маҷнун ба яъсу ноумедӣ ва вазъи пуризтироби рӯҳӣ гирифторанд. Чунин ҳолати онҳоро рассом хеле табиӣ ба риштаи тасвир кашидааст. Таносуби рангҳо ва ҷилову тароватӣ онҳо хеле бамаврид афтода, ҳама ҷузъиёт мутобиқи мазмун ва ғояи аслӣ нигошта шудаанд.

**САВОЛҲО**

1. Нозукиҳои санъати тасвириро Беҳзод аз кӣ омӯхт?
2. Чаро Беҳзодро Рафаэли Шарқ меноманд?
3. Асарҳои Беҳзодро номбар кунед.

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ба жанрҳои зинданигорӣ ва анималистӣ (тасвири ҳайвонот) шинос мешавем.

Расмҳоеро, ки кору зиндагии одамонро инъикос мекунанд, дар санъати рассомӣ ба жанри зинданигорӣ дохил мекунанд. Масалан, дар асари З. Довутов «Чашма дар кӯҳсор» зиндагии одамоне, ки ба чӯпонӣ ва чорводорӣ машғуланд ба таври воқеӣ тасвир ёфтааст. Дар расм чашма бо оби мусаффояш, одамон ҳангоми кор (ширпазӣ, ба хум рехтани шир, хобонидани кӯдак), табиат бо кӯҳҳои сар ба фалак кашидааш хеле табиӣ ва зебо тасвир ёфтаанд.


***Расми 27. Чашма дар кӯҳсор. Амали рассом З. Довутов***


***Расми 28. Гӯсфандҳои ҳисорӣ. Амали рассом А. Ашӯров***

Чунин тарзи тасвир дар «Гӯсфандони ҳисорӣ» ном асари рассом А. Ашӯров низ хеле барҷаста ба чашм мерасад. Дар он манзараи кӯҳистон, истироҳати чӯпонон, фароғати гӯсфандони ҳисорӣ дар сояи дарахт, лаби ҷӯй, чарогоҳи васеъ, кӯҳҳои осмонбӯс ва парвози парандагон хеле зебо тасвир шудааст.

Жанри анималистӣ табиати дилрабову рангин, сайру гашти ҳайвонҳои гуногун, симои зоҳирӣ ва ҳаракати онҳоро акс мекунад. Муаллифони чунин мусавваранҳоро рассомони анималист мегӯянд.

Таърихи жанрҳои зинданигорӣ ва анималистӣ хеле қадимӣ аст. Ҳунармандони моҳир аз замонҳои хеле қадим одамону ҳайвонотро дар сангҳо ва девораи горҳо ҳаккокӣ кардаанд.

## ДАРСИ 15

## ТАСВИРИ АРЧАИ СОЛИНАВӢ

Мавзӯи мазкур мавзӯи дилписанди мактабиён мебошад. Ҳар кас дар дил орзу дорад, ки дар ороиши арчаи солинавӣ ширкат варзида, аз рӯйи қобилияташ ҳисса гузорад. Барои шавқовару рангин ороиш додани арча аз ҷаҳонбинӣ ва тахайюлоту тасаввуроти худ васеъ истифода бурдан лозим аст. Дар тасвири ороишӣ шумо бояд шаклҳои ҳайвоноту парандагонро дар когазҳои ранга бо рангҳои дурахшон тасвир созед. Диққати асосӣ бояд ба тобиши рангҳо, тасвири ҳаракатҳои гуногуни ҳайвонот ва парандагон, манзараи барфпӯши зимистон ва ғайра дода шавад.

Дар ороиш тасвири манзараҳо ва арчаҳои ҳамешасабзи барфпӯш, чанабозии кӯдаконро эҷодкорона ба қалам диҳед. Тасвирро тарзе ороиш диҳед, ки тобиши рангҳо тамошобинонро ба олами афсонавӣ бурда, аз ҳунари рассомии шумо гувоҳӣ диҳад (ба расми 29 а, б нигаред).



*Расми 29 а*



*Расми 29 б*

## ДАРСИ 16
## ТАСВИР АЗ АСЛ (ПАРАНДАГОН)

Ҳангоми тасвир, дар навбати аввал ба шакли аслии объект бодиққат нигаред. Ба воситаи хатҳои борики ёрирасон шакли объектро дар рӯйи коғаз кашед, ки ба асл монандии умумӣ дошта бошад. Кӯшиш кунед, ки тасвир ҷозибаноку мароқовар бошад. Фарқи қисмҳои ҷудогонаи бадан, сар, қанот ва пойҳоро бори дигар санҷида, камбудиҳоро дар расм ислоҳ кунед. Хатҳои зиёдатиро аз рӯйи коғаз пок намуда, сипас бо рангҳои равшан, ки ба асли ашё наздиканд онро ранг кунед, то ҳамбастагию таносуби рангҳо дар расм акс ёбанд. Самти торикию рӯшноӣ ва дурнамоии рангҳоро ба эътибор гиред (ба расмҳои 30 ва 31 нигаред).



***Расми 30***



***Расми 31***

## ДАРСИ 17
## ТАСВИР АЗ АСЛ (ЧОЙНИК ВА ПИЁЛА)

Тасвирро аз нуқта ва хатҳои ёрирасон, ки ба шакли умумии ашё мувофиқ аст, оғоз кунед. Расмро дар шакли умумиаш ва қисмҳои ҷудогонаи онро бо хатҳои фарқшаванда дар рӯйи коғаз тасвир кунед. Хатҳои кашида бояд аз ҷиҳати ҳаракату таносуби фазо фарқ кунанд. Ба расм нигоҳ карда, рангҳоро тавре омезиш диҳед, ки нишебиву баландӣ ва шакли фарқшаванда дар он намоён бошад. Тобиши аслии рангҳоро вобаста ба дурахшонӣ ва торикии рангҳо тавре ба қалам диҳед, ки ҳамбастагии тобиши фазоии рангҳо равшан тобад. Барои ҷозибанок кардани расм онро бори дигар санҷед ва кӯшиш кунед, ки сояи тасвиркардаатон дар ҳамворӣ назаррас бошад (ба расмҳои 32 а, б нигаред).



*Расми 32 а*



*Расми 32 б*

## ДАРСИ 18

## ТАСВИР АЗ АСЛ (АСБОБҲОИ ДУРЕДГАРӢ)

Аввал шакли асбобро бо хатҳои борик дар коғаз кашед, ки ба асл монанд бошад. Ба ҷойгиршавӣ ва фарқияти шакли аслии тарафҳо, ростӣ ва ҳамшавии хатҳо, ҳамбастагии қисмҳои ҷудогонаи асбоби дуредгарӣ аҳамият диҳед.

Чунин тарзи санҷиш имкониятҳои эҷодии шуморо ҳаматарафа ғанӣ мегардонад. Ҳангоми кор бо ранг кӯшиш кунед,

ки дар унсурҳои тасвир гуногунӣ ва мувозинати рангҳо мақсади асарро равшан ифода кунад. Ҷузъҳои дигари расм бояд мувофиқи рангҳо интихоб шаванд ва ҷисмҳои дуру наздикро фаро гиранд. Тобиш ва ҳамбастагии рангҳоро чӣ тавре ки мебинед ва ҳис мекунед, ҳамон тавр тасвир кунед.

Кӯшиш кунед, ки тасвири самти торикию рӯшноии шакли асбоб дар расм назаррас бошад (ба расми 33 а, б нигаред).



*Расми 33 а*



*Расми 33 б*

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ҳангоми фароғат ба шумо сохтани пайкараи парандагонро пешниҳод мекунем. Тасвири парандагон аз дарси гузашта дар хотиратон ҳаст. Ҳангоми сохтани паранда аз гилу пластилин, коғазҳои гуногун ва ҷисмҳои табиӣ истифода баред. Барои устувор сохтани пайкара дар навбати аввал сим ва ё шохчаи хушкшудаи дарахтро бо ҳам мувофиқи шакли бадани паранда пайваст кунед. Сипас, гил ё пластилинро ба болои он тарзе часпонед, ки бадани паранда намудор шавад. Баъд қисмҳои ҷудогонаи он – сар, гардан, парҳо ва пойҳоро ба тан часпонед. Бо белчаи махсус ё бо кафи даст ва ангуштон қисмҳои пайвастшударо ҳамвор кунед, то ки узвҳои алоҳидаи часпонида бо бадан ҳамбастагии аслиро ба вуҷуд оранд.

Сохтани пайкараи парандаҳо шавқангез аст. Барои

марокҷовар шудани коратон бо когази ранга ё рангҳо қисмҳои чудогонаи пайкараро ороиш диҳед. Ба расмҳои 34 ва 35 аҳамият диҳед.


*Расми 34*


*Расми 35*

## ДАРСИ 19
## ГИЛКОРӢ ДАР МАВЗӮИ ВАРЗИШ

Ҳар яки мо дар айёми мактабхонӣ ба бозиҳои гуногуни варзишӣ: баскетбол, волейбол, футбол, гимнастика, акробатика ва ғайраҳо машғул мешавем. Ҳоло ки мо маҳорати рассомӣ пайдо кардаем, ҳангоми машғулият ё тамошои бозиҳо тавассути қобилияти фикрӣ, хаёлот, аз наздик дидани бозиҳои гуногуни варзишӣ композитсияи бою рангинро эҷод карда метавонем, ки дар он лаҳзаҳои муҳимтарини бозиҳои варзишӣ тасвир ёбанд. Дар навбати аввал бадани муҷассамаро аз сими мулоим ё шохчаи дарахт ба монанди асл месозем. Баъд ба гилкорӣ шурӯъ мекунем. Қисмҳои чудогонаро аз рӯйи тасаввурот эҷодкорона бояд созем. Кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ҳаракат, таносуби бадан, қадду


*Расми 36*

қомат ва мушакҳои пайкараи варзишгар мароқовар бошанд.

Баъд он қисмҳоро аз гил ба бадан пайваст карда, онҳоро ба ангушт ва кафи даст ҳамвор менамоем, то ки ба шакли асосӣ монанд бошанд. Амали иҷрошударо бори дигар санҷида норасоиҳоро бартараф мекунем. Супоришро аз рӯйи ин расм иҷро кардан мумкин аст (ба расми 36 нигаред).

## ДАРСИ 20

## ОРОИШИ НАҚШУ НИГОРИ ЛИБОСИ ИДОНА

Нақшу нигор яке аз зеботарин амалҳои ороиши либос мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як ҳунарманд кӯшиш мекунад, ки тамоми банду басти ороишро зебову рангин эҷод кунад.

Либосҳои идона бо нигораҳои гуногуни халқӣ ва инъикоси акси гулу рустаниҳо ороиш дода мешаванд. Барои мароқовар шудани нақшу нигор ба намоишгоҳҳо рафта, бо ҳунарҳои халқии ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ шинос шавед. Сирру асрор ва нозукиҳои эҷодкории ҳунармандони маҳаллиро омӯзед. Кӯшиш кунед, ки мустақилона эҷод



*Расми 37*



*Расми 38*



*Расми 39*



*Расми 40*

кунед. Бояд нақшу нигоратон бою рангин ва бо нақшҳои миллӣ мувофиқ бошад. Нақшу нигорро бо рангҳое ороиш диҳед, ки онҳо равшану зебо ба назар расанд (ба расмҳои 37, 38, 39 ва 40 диққат диҳед).

## ДАРСИ 21
## ЭЧОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ КАЙҲОН

Тасвири он аз шахс хаёлоти бой, эҳсосу завқи ҷӯяндагиро талаб мекунад. Расмро тарзе ба қалам диҳед, ки композитсия аз ҳама ҷиҳат пурмазмун барояд. Он бояд бо хатҳои нафис эҷодкорона акс ёбад. Расмро бо рангҳои гуногун ва риоя кардани таносуби онҳо оро диҳед. Бо усули омехта кардан рангҳои мухталифи даркориро пайдо кунед. Ҳангоми ба инобат гирифтани тасвири рӯшноӣ, ки шакл ва ҳолатро пурра ифода мекунад, кӯшиш кунед, ки таносуби рангҳо ба амалояд. Ба тобиши баландиву пастӣ ва ҷойгиршавии ашёи дуру наздик диққат диҳед. Агар зарур бошад, ранги баланди ашёи асосии наздикро такроран ранг кунед.



*Расми 41*

## ДАРСИ 22

## АЗ ГИЛ СОХТАНИ ПАЙКАРАИ ҲАЙВОНОТ

Ин мавзӯъ барои шумо душвор бошад ҳам, аз баъзе ҷиҳатҳо шавқовар аст. Дар бораи олами ҳайвонот ва шикорчиён аз мӯйсафедон наклу хикояҳои аҷоибро шунидаед ё аз оинаи нилгун олами ҳайвонотро тамошо кардаед. Барои сохтани ҳайкали ягон намуди ҳайвон дар бораи ҷойгиршавии узвҳо ва мушакҳои он маълумот доштан зарур аст.

Барои муайян кардани ҳаракату пайвастшавии узвҳои бадан ва қисмҳои ҷудогонаи он омӯзишу гузаронидани корҳои амалӣ ба шумо ҳаматарафа ёрӣ мерасонад. Аз ин рӯ, барои дуруст тасвир кардани пайкараи ҳайвонот аз расмҳои рассомони анималист истифода баред.

Барои мустаҳкам нигоҳ доштани ҳайкал пояи чӯбин (ба расмҳои 42 а, б ва в эътибор диҳед) сохтан лозим аст. Мувофиқи шакли ҳайвон аввал баданро гилкорӣ карда, баъд қисмҳои дигарро мувофиқи андоза алоҳида созед ва ба бадан тарзе часпонед, ки алоқамандии умумӣ дошта бошанд. Ба ҳаракатҳои фарқшавандаи сар, гардан, бадан, пойҳо ва таносуби қисмҳои ҷудогонаи он диққат диҳед.

Баъд бо ангуштону кафи даст ё ки белчаи корӣ гилро ҳамвор кунед ва қисмҳои хурду дигари бадан: рӯй, чашм, лаб, чоғ, зону ва гарданро гилкорӣ кунед. Тасвирро аз ҳар



*Расми 42 а*



*Расми 42 б*



*Расми 42 в*

ҷиҳат бори дигар санҷед. Кӯшиш кунед, ки он эҷодкорона ва шавқовар ба анҷом расад.

## ДАРСИ 23
## КОМПОЗИТСИЯ ДАР МАВЗӮИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Шояд шумо дар мавзӯи номбурда расмҳои гуногунро кашидаед. Хаёлан тасвирро ба хотир оред. Пешакӣ муайян кунед, ки дар расм кадом қисмҳои артиш ё намуди техникаи ҳарбиро ба қалам медиҳед. Кӯшиш кунед, ки тасвир дар ҳолатҳои гуногун назаррас шавад. Расмро аз шакли умумӣ оғоз карда, қисмҳои алоҳидаро бо ҳам пайваст кунед.

Барои мисол, мавзӯи парвози чархбол, парашутҳои гуногун дар фазо, ракетаю танкҳо дар масофаҳои дуру наздик ва манзараи табиатро тавсия мекунем. Шумо метавонед амалро ба таври дигар, мувофиқи завқи худ ороиш диҳед. Тобиши рангҳои равшан ва таносуби онҳоро ба инобат гиред. Тасвирро эҷодкорона бо рангҳои дилпазир



*Расми 43*



*Расми 44*

тавре ранг кунед, ки дуриву наздикӣ ва ҳаракати ҷисмҳо ба тарафи муайян намудор бошанд.

## ДАРСИ 24
## СОХТАНИ МУҶАССАМА АЗ ГИЛ

Тасвири одам дар гилкорӣ қобилияти баландро талаб мекунад. Барои иҷрои ин кор рассом бояд аз анатомия (илм дар бораи шакл ва сохти узвҳои бадани одам) хуб бохабар бошад ва қонунҳои конструктивиро (созандагиро) донад. Таносуби бадан, либос ва мавзунии қадду қомати инсонро бояд ба инобат гирифт. Барои зебову мароқовар аз гил сохтани пайкараи одам лозим аст, ки он дар ҳолатҳои гуногун, дар шакли тахминию эҷодкорона тасвир карда шавад (ба расмҳои 45 а, б, в нигаред).

Пас аз сохтани қисми асосӣ пойҳо, бадан, гардан, китф, сар, дастҳо ва дигар қисмҳои ҷудогонаро ба бадан часпонидан лозим аст. Баъди тайёр кардани пайкара онро бо латтаи тар печонда намнок нигоҳ доштан зарур аст.


*Расми 45 а*


*Расми 45 б*


*Расми 45 в*

## ДАРСИ 25
## МУҶАССАМАСОЗӢ ВА ТАРРОҲӢ ДАР ОРОИШИ БАДЕӢ

Ҳангоми тарроҳии муҷассама аз маводди гуногуни табиӣ – гилу коғаз, ҷӯб ва дигар ашё истифода мебаранд. Аз гил шакли муҷассамаҳои гуногунро хеле зебову рангин

сохтан мумкин аст. Муҷассамаро асосан аз гили кулолӣ месозанд. Гили кулолӣ ранги сурхи қаҳватоб дорад. Бояд кӯшиш намуд, ки гил дар ҳамаи ҳолатҳо намнок нигоҳ дошта шавад, чунки агар намӣ надошта бошад, зуд хушк мешавад.

Барои ҳамин гилро ҳамеша дар халтачаҳои селофанӣ ё дар матои намнок нигоҳ медоранд. Гузаштагони мо гилро барои ороиши биноҳо истифода мебурданд. Чунин тарзи ороишро дар зарфҳои кулолӣ ва иморатҳои қадима низ дидан мумкин аст. Нақшҳои ороишӣ номҳои зиёд доранд. Масалан нақши гулмоҳӣ, шер, парандаҳо ва ғайра. Мардуми мо туфайли завқу маҳорати баланди эҷодӣ ва тахайюлоти бойи худ нақшҳои нав ба нав офарида, асарҳои нотакрор эҷод мекунанд (ба расмҳои 46 а, б нигаред).

Аз гузаштагон ба мо мероси гаронбаҳое дар шакли асарҳои бадеӣ боқӣ мондааст. Ҳунармандон ин ҳунари волоро ба фарзандону шогирдонашон меомӯзонанд ва анъанаю маросимҳоро рушд медиҳанд.

Барои ороиши бадеии муҷассама аз чунин маводди табиӣ, монанди реша ва шохаҳои хушки дарахтон истифода кардан мумкин аст. Дар бисёр маврид коғазро ҳамчун маводди беҳтарин ва одитарин барои тарроҳӣ истифода мебаранд.



***Расми 46 а***



***Расмҳ 46 б***

## ДАРСИ 26
## КУЛОЛГАРӢ

Агар ба таърихи кулолгарӣ назар андозем, он бою рангин аст. Ҳунармандони моҳири мардумӣ асрори ҳунари худ, анъанаҳои гузаштагонашонро тӯли ҳазорсолаҳо аз насл ба насл мерос гузошта, ҳунари кулолгариро ба дараҷаи баланди инкишоф расонидаанд. Ҳунармандон ҳар як асбоби рӯзгорро бо нақшу нигорҳои гуногун ороиш медоданд. Дар сохтани кӯза, табақ, пиёла ва чойник аз гили якхелаи ғафс истифода мебурданд. Онро аз сохтани шакли умумии ашё оғоз мекарданд. Баъд, қисмҳои ҷудогонаи онро ба шакл мувофиқ карда, бо ангушт ва кафи даст онро ҳамвор мекарданд, то ки ба шакли умумии ҷисм монанд бошад.

Баъди ба охир расонидани кор фарқияти тарафҳои онро бодиққат санҷида, норасоиҳоро бо гили илова ислоҳ медароварданд. Мо низ ҳангоми машғули кори кулолгарӣ ба ороиши чизи сохтаамон бояд чунин муносибат кунем.

Баъди хушконидан, агар хоҳед, ки ҷисми сохтаатон аз ҳар ҷиҳат зебо бошад, дар бухории (печкаи) барқӣ ё ки хумдони махсус онро пухтан лозим меояд (ба расмҳои 47 нигаред).



*Расми 47*

## ДАРСИ 27

## ШАКЛСОЗӢ (МОДЕЛ) ВА ОРОИШИ ОН

Сохтани шакли ин ё он ҷисм яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи мактабиён аст. Ин аст, ки онҳо дар маҳфилҳои шаклсозӣ фаъолона иштирок мекунанд. Чунин маҳфилҳо зинаи аввали мошинсозӣ аст. Ҳар як хонанда аз айёми мактабхонӣ дар дил орзу мепарварад, ки ҳамчун шахси эҷодкор ба камол расад. Хотиррасон мекунем, ки моделҳои гуногунро аввал аз коғаз, картон ва фанер сохтан мумкин аст. Агар хоҳед, ки моделҳои замонавии зебо эҷод кунед, бояд аз ҳунари моделсозон нозукиҳои эҷодкориро омӯзед. Ба туфайли завқу маҳорат, ҳавасмандии зиёд моделҳои нав ба нав сохтан мумкин аст. Барои он ки модели сохтаатон зебо бошад, аз рӯйи тасаввурот ва хаёлоти эҷодӣ онро аввал ҳамчун нусха дар рӯйи коғаз кашидан лозим аст. Баъд, қисмҳои ҷудогонаи онро тайёр кардан беҳтар аст. Кӯшиш кунед, ки модел аз ҷиҳати шаклу намуд, тарзи ҷобаҷогузории қисмҳои ҷудогона ва ороишӣ зебову рангин сохта шавад. Чунин тарзи кор имкон медиҳад, ки дар оянда моделҳои гуногун созед ва дар озмуну намоишҳо иштирок кунед.



*Расми 48*





*Расми 49*

*Расми 50*

## ДАРСИ 28
## ЭҶОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ МОҲИГИРӢ

Мавзӯи моҳигирӣ ҳарчанд заҳматталаб бошад ҳам, бисёр шавқовар аст. Тавассути наклу ҳикояҳои калонсолон, тамошои филмҳо ва сайру гашти соҳили дарё аввал бо амалиёти моҳигирон шинос шудан лозим аст. Дар тасвир аз тасаввуроту хаёлот истифода баред, то ки тасвиратон пурмазмун ва дилчасп барояд. Тасвирро бо ҳаракатҳои гуногун ва хатҳои тахминӣ оғоз кунед ва агар чизи нав ва аҷоиб дар хаёлатон пайдо шавад, ба расм илова кунед. Сипас, ба тасвири ҳаракат, шакл, ҳаҷми фарқшавандаи ҷисм диққат диҳед.

Амалро аз нуқтаи асосии тасвир шурӯъ кунед. Ба хусусиятҳои рангҳои фарқшаванда, ки тобишро дар тасвир пурнур мегардонанд, диққат диҳед. Акси дурахшони мавҷи об, ҷиҳатҳои эстетикии табиати рангини гирду атроф, зебоии мавҷи дарё, ҳаракати моҳиҳо дар оби равон бояд бо завқи баланди эҷодӣ тасвир ёбанд.



*Расми 51*

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Дар вақти холӣ ба шумо сохтани муҷассамаҳои гуногунро пешниҳод мекунем.

Муҷассамаҳо аз санг, чӯб, оҳан ва ғайра сохта мешаванд. Инчунин онҳоро бо усулҳои тарошидан, нақш кандан ва ба қолиб рехтан низ офаридан мумкин аст.

Муҷассама асосан гирд мешавад ва онро аз ҳар тараф равшан дидан мумкин аст. Ғайр аз ин муҷассамаҳои барелефӣ ва горелефӣ низ мешаванд. Барелеф – нақшест, ки аз ҳаҷми худ нисбатан хурдтар мебошад. Онро дар лавҳаҳои ёдгорӣ дидан мумкин аст. Горелеф – нақшест, ки аз ҳаҷми асл нисбатан калонтар аст ва онро дар ороиши иморатҳо ва зарфҳои гуногун истифода мебаранд.

Тасвири нақши ороишӣ аз замонҳои қадим вуҷуд дорад. Ороиши дар иншооти меъморӣ истифодашуда, аз ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ ва касбу ҳунари одамон нақл мекунанд. Муҷассамаҳои ороиши рӯйи девор, осори рӯйи сангҳо, ки одамон дар давраҳои гуногун ҳаккокӣ кардаанд, дар натиҷаи кофтуковҳои бостоншиносӣ дастрас шудаанд. Ҳамаи ин аз ҳунари волои аҷдоди мо шаҳодат медиҳанд.

Тасвирҳои нақши барҷаста дар ороиши биноҳои гуно-

гун истифода шудаанд, ки аз ҳаёту зиндагии гузаштагони мо нақл мекунанд (ба расми 52 нигаред).

Барои пос доштани хотираи одамони машҳур, шахсони бузург ва қаҳрамонон ҳайкалу муҷассама мегузоранд. Дар пойтахти ҷумҳурии мо – шаҳри Душанбе, маркази вилоятҳо, шаҳру навоҳӣ ҳайкалҳо ва муҷассамаҳои мутафаккирони бузург Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Қаҳрамонони Тоҷикистон С. Айнӣ, Б. Ғафуров, Нусратулло Махсум, Мирзо Турсунзода, Шириншоҳ Шоҳтемур ва як қатор қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ (аз Тоҷикистон) гузошта шудаанд.



*Расми 52*

## ДАРСИ 29
## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ БАҲОР

Баҳор фасли дилафрӯзи сол аст. Табиати рангин дар ин давра аз нав сабзу хуррам мешавад. Ба манзараи гирду атроф шоирона назар кунед, мебинед, ки дашту саҳро гулрез аст. Диққати шуморо сабзазор, кӯҳҳову теппаҳо, даштҳои

сарсабзу хуррам ва парвози парандаҳои хушхон ба худ ҷалб мекунанд (ба расмҳои 53 а, б нигаред).

Аз чунин манзараи зебои баҳор илҳом гирифта, ба тасвир кардани он шурӯъ кунед. Шояд ба шумо эҳсоси зебоипарастӣ, табиати рангин имкон диҳад, ки асари хубе эҷод кунед.



***Расми 53 а***



***Расми 53 б***

**САВОЛҲО**

1. Чаро баҳорро фасли дилафрӯзи сол меноманд?
2. Манзараи табиати баҳор чӣ гуна рангҳоро дар бар мегирад?

## ДАРСИ 30

## ТАСВИРИ ГУЛҲОИ БАҲОРӢ

Тасвири гулҳо мавзӯи дӯстдоштаи мактабиён аст. Ҳангоми тасвири гулҳои баҳорӣ кӯшиш кунед, ки амал дар заминаи манзараи табиати рангини баҳори кӯҳсор ба қалам дода шавад. Тарзи ҷойгиршавии шохчаҳо, баргҳо ва гулҳои онро ҷиддан аз назар гузаронед ва баъд таносуби бару дарозии онро муайян кунед. Ҳаҷми қисмҳои калонро бо қисмҳои хурди ҷисмҳо муқоиса карда, фарқияти онҳоро бори дигар муайян кунед. Ҳаракат кунед, ки ҳолати аслии ашёи тасвиршударо дарк кунед ва ёбед.

Ҳангоми иҷрои кор (бо ранг) кӯшиш кардан лозим аст, ки тобиш ва ҳамбастагии рангҳо намудор шавад. Унсурҳои дигари расм бояд мувофиқи рангҳо интихоб карда шаванд. Барои нигоҳ доштани зебоии аслӣ дурахшонӣ ва торикии



*Расми 54 а*

рангҳои гулу баргҳоро моҳиронаю дилкаш тасвир кунед (ба расмҳои 54 а, б нигаред).



*Расми 54 б*

## ДАРСИ 31
## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ КӮҲСОР

Ҳангоми сайру гашт манзараҳои табиати назарработоро дар кӯҳистон бояд бо диққат мавриди назар қарор бидиҳед. Кӯшиш кунед, ки лаҳзаҳои зеботарини манзараҳои зебою дилчасп дар хотиратон нақш банданд. Барои тасвири яке аз манзараҳои дилангез ҷоеро бояд интихоб кард, ки ҳам аз ҷиҳати шаклу намуд, ҳам аз ҷиҳати композитсия ва ҳамбастагии рангҳо назаррас ва ба талабот ҷавобгӯ бошад. Ҳангоми тасвири манзара фарқияти ашёи дуру наздикро ба инобат гиред. Сипас, бо рангҳои равшан ва мувофиқ онро тавре пардоз диҳед, ки манзараи офтобӣ ва фазоии самти рӯшноӣ ва торикӣ дар тасвир пурра таҷассум ёбад. Кӯшиш кунед, ки рангҳои гуногун мувофиқи тобиш ва дурахшонии ҳолатҳои дуру наздик тасвир шавад. Ранги замину рустанӣ, роҳу дарёча ва осмону кӯҳҳо вобаста ба дуриву наздикии тасвир бояд ба ҳам мутаносиб бошанд.



*Расми 55 а*



*Расми 55 б*

## ДАРСИ 32
## ТАСВИРИ КӮЗА ВА ГУЛ

Расмро дар рӯйи коғаз ба таври амудӣ ба қалам диҳед. Ҷойгиршавӣ, ҷузъҳои фарқкунандаи кӯза ва хамшавии навдаи гул дар расм бояд ҳамаҷониба рангину дилкаш тасвир ёбад. Баъд рангҳои мувофиқро дар рангомез омехта карда, бо мӯқалам онро пардоз диҳед.

Рангҳои кӯза ва гулро тунук омехта карда бо ҳам молед, то ки ба назари бинанда шаффоф ва равшан намояд.



*Расми 56*

## ДАРСИ 33
## СУҲБАТ ДАР МАВЗӮИ САНЪАТИ МЕЪМОРӢ

Санъати меъмории халқи тоҷик таърихи чандинасра дошта, ҳунармандони мо асарҳои пурарзишу нодиреро ба оламиён мерос гузоштаанд. Аввалин намунаҳои осори меъмории тоҷикон ба давраи неолит рост меоянд. Аз маҳаллаҳои Помири Шарқӣ расмҳои рӯйидеворини даврай аввали неолит ёфт шудаанд.

Дар асри 4 то милод Искандари Мақдунӣ Осиёи Марказиро ба тобеияти худ даровaрда буд. Дар ин давра як қатор шаҳрҳо бо деворҳои мустаҳкам бунёд шуда буданд, ки гувоҳи санъати баланди биноҳокорӣ буда, мувофиқи нақшаи махсус сохта шудаанд. Махсусан, нуфузи эллинизми шарқӣ афзуда, ба санъати меъмории Осиёи Марказӣ ва вусъати шаҳрсозиву бинносозӣ таъсири амиқ гузоштааст.

Дар ин давра унсурҳои меъмории Юнону Рум зери таъсири анъанаҳои меъмории Шарқ монда буданд ва осори боқимондаи ин давра имрӯз низ қимати худро гум накардаанд. Намунаи онро мо дар қалъаҳои Тахти Сангин, Қаҳ-Қаҳа, Ямчун ва ғайра мушоҳида карда метавонем.

Дар асрҳои 9-10 дар Осиёи Миёна давлати Сомониён ҳамчун давлати мутамарказй тоҷикон ташаккул ёфт. Дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ пешравиҳо эҳсос карда мешуд. Махсусан маданияти шаҳрсозӣ хеле тараққӣ кард. Як қатор шаҳрҳо ба марказҳои калони меъморӣ, тиҷоратию ҳунармандӣ мубаддал шуда буданд. Баробари ин дар санъати меъмории замони Сомониён ҷиҳатҳои нав ба назар мерасад, ки онҳо аз инкишофи минбаъдаи санъати бинокорӣ шаҳодат медиҳанд. Дар корҳои бинокории ин давра хишти пухта беш аз пеш аҳамият пайдо карда истифода мешуд.

Тарзи ороиши гаҷкорӣ хеле тараққӣ кард, ки ба он мақбараи Исмоили Сомонӣ мисол шуда метавонад. Мақбараи Исмоили Сомонӣ қуллаи баланди санъати муҳандисиву бинокории замони худ ба шумор рафта, аз комёбиҳои беназири санъати меъмории халқи тоҷик дар он



***Расми 57. Қалъаи Ямчун дар ноҳияи Ишкошим***

замон дарак медиҳад. Дар асрҳои баъдӣ низ санъати ороишӣ-монументалӣ зимни бунёди қасру кушкҳо ва мадрасаҳо идома ёфтанд. Аз ёдгориҳои санъати меъмории ин замон мадрасаи машҳури Бибихоним дар Самарқанд, масҷиди Абдуллатиф дар Истаравшан, мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Кӯлоб, Махдуми Аъзам дар Ҳисор ва ғайра ҷолиби диққатанд.

**САВОЛҲО**

1. Аввалин намунаҳои осори меъмории тоҷикон бо расмҳои рӯйидеворӣ дар куҷо ёфт шудаанд?

2. Дар асрҳои 9– 10 дар санъати меъморӣ чӣ гуна дигаргуниҳо ба амал омаданд?

3. Биноҳоеро, ки бо ороиши санъати монументалӣ дар шаҳрҳои гуногун сохта шудаанд, номбар кунед.

## ДАРСИ 34
## ТАСВИРИ ЧЕҲРАИ ДӮСТОН

Дар расм ҷаҳони ботинӣ ва маънавӣ, зебоии аслии инсон бо нозукии махсус нишон дода мешавад. Чунин зебоии аслиро маҳз рассомони муъҷизакор бо эҳсосоти баланд тасвир мекунанд.

Пеш аз тасвири расми яке аз дӯстон бо портретҳои эҷодкардаи рассомони машҳури ватанӣ ва ҷаҳонӣ шинос шавед, зеро ин кор ба шумо ёрии амалӣ мерасонад. Чеҳраи ҳар одам хусусиятҳои худро дорад, бинобар ин мо онро дар хотир нигоҳ медорем ва фаромӯш намекунем. Зеро чеҳраи шахс ҷаҳони ботинӣ ва шахсияти ӯро ифода мекунад.

Расм бояд аз ҷойгир кардани хатҳои асосӣ, ки ба шакли умумӣ мувофиқ аст, ифтитоҳ ёбад. Азбаски рӯйи одам аз қисмҳои гуногун иборат аст, тасвир бояд аз хатҳои борик, ки қисмҳои ҷудогонаро бо ҳам пайваст мекунад, оғоз шавад. Дар расм ҳаракат, қонуниятҳои фарқшаванда ва таносуби бобарбариро бояд ба назар гирем. Тасвирро бояд аз шакли умумӣ оғоз карда, баъд ба қисмҳои ҷудогона: гӯш, чашм, бинӣ, қош ва даҳон гузарем.

Аввал якчанд расми дӯстону шиносҳоятонро ба хотир оварда тасвир кунед. Расм бояд тарзе кашида шавад, ки дар он ҷаҳони ботинии инсон бо эҳсоси баланди эҷодкорӣ инъикос ёбад. Дар қисмҳои ҷудогона рангҳои торикро эҳтиёткорона ва кам-кам барои баъзе ҷузъҳои фарқшаванда истифода бурдан лозим аст. Вобаста ба мавзӯъ шумо метавонед расми одамонро дар ҳолатҳои роҳ гаштан ё ин ки суҳбат кардан тасвир кунед. Баъди бо хатҳои борик кашидани шакли умумӣ мувофиқи ранги либосҳо рангҳоро истифода баред. Кӯшиш кунед, ки зебоӣ ва нафосату хусусиятҳои тозагии рангҳо намудор бошанд.



*Расми 58*



*Расми 59*

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Дар мактаб ба ороиши рӯзномаҳои деворӣ бахшида ба идҳои Соли нав, Наврӯз ва ғайра машғул мешавед.

Ҳангоми ороиши рӯзномаҳои деворӣ, албатта, тасвирҳои гуногунро бо рангҳо иҷро мекунед. Медонед, ки зебоӣ ва нафосати тасвир ба дурахшонӣ ва таносуби рангҳо вобаста аст. Ҳангоми бо ранг кор кардан кӯшиш ба харҷ диҳед, ки шаффофии рангҳо ва тобишу хосияти тозагии

онҳо дар ороиш намудор шавад. Зебоии расм, алалхусус бандубасти он, ба маҳорати эҷодкорию рангшиносии шумо вобаста аст. Барои ҳамин, дар коғази ҳаҷман хурд тасвири пешакии ороишро санҷед. Сипас, маводро ҷо ба ҷо гузошта, сарлавҳаҳоро нависед ва ҷойҳои холии атрофро бо нақшу нигор ороиш диҳед.

Расмҳои ороишӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва дурахшонии рангҳо бояд назаррас бошанд (ба расми 60 нигаред).



*Расми 60. Модар бо кӯдак. Рассом А. Умаров*

## МАВҚЕИ КОМПОЗИТСИЯ ДАР РАСМКАШӢ

Ҳангоми кашидани ҳар як расм дар ҳамворӣ қоидаҳои умумии композитсияро риоя кардан лозим аст. Композитсия ин тарзи ҷобаҷогузории расм (тасвир) дар рӯйи варақ, матоъ ва ғайра мебошад.

Ҳангоми кашидани расм он бояд тавре ҷо ба ҷо гузошта шавад, ки тасвир дар рӯйи варақ шинам ояд. Барои тасвир кардани ҷисмҳои дар замин ё фарш буда, онҳоро чунон бояд ҷо ба ҷо гузошт, ки дар поёни варақ назар ба боло ҷойи холӣ камтар монад. Агар дар расм ҳаҷми ҳамаи ашё як хел бошад, чунин тасвир ба чашм зебо менамояд.

Риояи мутаносибӣ дар тасвири композитсия таассуроти беҳаракатиро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, ҳангоми иҷрои тасвири манзараи дарахт кӯча ва хонаҳои дар ҳар ду тарафи он мутаносибан ҷойгирифтаро кашидан зарур нест. Иҷрои ҳар як расм бо хатҳои нозуки ёрирасон оғоз мешавад. Хати фарқшавандаи расм ба таври штрих, яъне хатҳои рах-рах бояд ба анҷом расад.

Барои иҷро кардани амал ва кашидани композитсия метавонед аз расмҳои додашуда истифода баред.



*Расми 61*



*Расми 62*

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ РАНГИ АКВАРЕЛ

***Акварел*** – калимаи лотинӣ буда, маънояш об аст. Дар таркиби ин ранг ширеш мавҷуд аст, ки дар об ҳал шуда, осон шуста мешавад. Хусусияти асосии расмҳои бо акварел кашидашуда равшан будани ранг аст, ки тобишу хосияти тозагии он дар коғаз намудор мешавад. Роҳҳои гуногуне мавҷуданд, ки хусусиятҳои асосии акварел – шаффофӣ ва ҳамбастагии рангҳоро нигоҳ медоранд.

Иҷрои ин машқҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои рангҳои акварелро пурра омӯзед. Барои он ки коғаз ҳангоми кор кардан каҷ нашавад, онро ба тахтаи махсус ё картони ғафс (бо кнопка) часпонидан лозим аст. Расмро бо хатҳои борик моҳирона кашида, кӯшиш кунед, ки ҷойгиршавии расм дар коғаз аз ҳама ҷиҳат дилчасп бошад. Хатҳои нолозимро аз расм тоза карда, бо мӯқалам ва оби тоза рӯйи коғазро шуста, то хушк шудан мунтазир шавед. Баъд дар табақча ё рангомез (палитра) кашидани тасвирро аз рангҳои равшан огоз кунед ва таносуби рангҳоро ба инобат гирифта, торикиро мувофиқи шакли ҷисм дурахшон кунед. Барои он ки тасвир зебову дилпазир иҷро шавад, ба мутаносибии аслии рангҳо эътибор диҳед. Барои иҷро кардани амал аз расми мавҷуда истифода баред (ба расми 63 нигаред).



***Расми 63***

## НАМУД ВА ЖАНРҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Намудҳои санъати тасвирӣ рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, меъморӣ, сиёҳқаламӣ (графика) мебошанд.

Жанрҳои он тасвири манзара, чеҳранигорӣ, натюрморт ва ғайраҳо мебошанд.

## ШАРҲУ ЭЗОҲИ БАЪЗЕ ИСТИЛОҲОТ

### Рангнигорӣ



***Расми 64. Санъати рангнигорӣ.***
***Рӯзҳои баҳор. Рассом А. Миршакар***



*Расми 65. Кутосҳои Помир. Рассом В. Назаров*



*Расми 66. Қуллаи Сомонӣ. Рассом В. Назаров*



*Расми 67. Манзара*



*Расми 68. Варзоб. Рассом П. Гулов*



*Расми 69. Мавҷи нуҳум. Рассом И. Айвазовский*



*Расми 70. Натюрморт. Гули ёс (сирен), рассом М. Бекназаров*



*Расми 71. Чеҳранигорӣ. Ҷавонӣ, рассом М. Бекназаров*

# Меъморӣ



***Расми 72. Меъморӣ, кандакорӣ дар чӯб.***



*Расми 73. Чеҳраи Малика Собирова.*
*Рассом К. Жумагозин*



*Расми 74. Тасвири графикӣ. Рассом Т.Самандаров*



*Расми 75. Аз давра ба давра. Рассом С. Шарифов*






***Расми 76. Деворнигора. Театри лӯхтак, ш. Душанбе***



***Расми 77. Деворнигора***

**АКВАРЕЛЬ** – рангест, ки дар таркиби он ширеш мавчуд аст. Бо об ба осонӣ шуста мешавад. Хусусияти хоси наққошӣ бо акварел шаффофии ранг аст. Аз тобиши онҳо тозагии ранг намоён мешавад.

**АВТОПОРТРЕТ** – мусаввараеро гӯянд, ки дар он рассом акси худро тасвир кардааст.

**АППЛИКАЦИЯ** – асари бадеист, ки бо роҳи ширеш кардан, дӯхтани коғаз ва дигар масолеҳ сохта мешавад.

**АРХИТЕКТУРА** (меъморӣ) – ин силсилаи иморату иншоотест, ки барои ҳаёт ва фаъолияти одамон муҳити фазоиро ба шакли муайян медарорад. Ба он иморатҳо, майдону хиёбонҳо, боғу варзишгоҳҳо, деҳаву шаҳрҳо дохил мешаванд. Беҳтарин намунаҳои ёдгориҳои меъморӣ манораи Эйфели Париж, кохи Тоҷмаҳали Ҳиндустон ва ғайраҳо мебошанд, ки дар ҷаҳон машҳуранд.

**АНИМАЛИСТ** – рассомеро меноманд, ки дар кашидани расми ҳайвонот мутахассис аст.

**БАТАЛЬНЫЙ ЖАНР** (тасвири манзараҳои ҷанг) – расмҳое, ки дар мавзӯи қаҳрамонӣ, ҳарбу зарб кашида шуда, лаҳзаҳои ҷудогонаи онро инъикос мекунанд.

**БАРЕЛЬЕФ** (нақши барҷаста) – дар он шаклу ашёи тасвиршаванда ба таври барҷаста инъикос меёбанд.

**БЛИК** (партав, дурахш) – ҷойи аз ҳама равшан, баъзан дурахшонии рӯйи ашёи тасвиршаванда.

**ВЫСТАВКА** (намоишгоҳ) – намоиши махсуси корҳои эҷодии рассомон, ҳайкалтарошон ва дигар намояндагони санъати нигорандагӣ.

**ГАЛЕРЕЯ** (нигористон) – осорхонаи рассомӣ-бадеӣ.

**ГАММА ЦВЕТОВ** (гаммаи рангҳо) – силсилаи тобишҳои мутаносибан пайвастаи ранг аст, ки барои эҷоди асари бадеӣ истифода бурда мешавад.

**ГИПС** (гаҷ) – санги маъдании махсус, ки онро дар бинокорӣ ба кор мебаранд. Бо он деворҳоро андова карда, муҷассамаву нақшҳои қолабиву кандакорӣ низ месозанд.

**ГЛИНА-КЕРАМИКА** (гил) – маъдани кӯҳиест, ки дар кулолгарӣ ба кор меравад.

**ГРАФИКА** (сиёҳқаламӣ) – як намуди санъати тасвирист, ки воситаи асосии тасвири онро расми якранг (раҳ, доғ, хатча, хати борик, сурат) ташкил мекунад. Тобиши ранг дар он вазифаи дуюмдараҷа дорад. Аз ин ҷост, ки он содаву фаҳмост. Графика

асосан тасвири китобӣ-ороишии бадеии китобу маҷаллаҳо, плакат, маркаҳои почта, гравюра (кандакорӣ), литография (чопи сангӣ) ва ғайра мебошад.

**ГУАШ** (ранги обакӣ) – аз акварел бо он фарқ мекунад, ки омехтаи сафедоб (белил) дошта, хусусияти хуби рангкунӣ дорад. Бо он корҳои ороиширо дар рӯйи коғазу картон ба амал мебароранд. Гуаш шаффоф нест.

**ИЛЛЮСТРАЦИЯ** (сурат) – ҷузъи санъати тасвирӣ аст, ки осори адабиро ба тарзи бадеӣ шарҳ медиҳад. Дастнависҳои нахустин бо минётурҳо (масалан асарҳои Беҳзод) тасвир шудаанд.

**ИНТЕРЬЕР** (дохил) – ороиши бадеии меъморӣ, зинати дохилии бино, мактаб, синф ва ғайра.

**КОЛОРИТ** (обуранг, тобиш) – дар наққошӣ хусусияти ҳамбастагии тамоми ҷузъҳои ранги осор ва сохти ранги он ҳамчун яке аз воситаҳои тасвири амиқу возеҳи воқеият мебошад.

**КОМПОЗИЦИЯ** ( композитсия, бандубаст) – аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, ҷобаҷокунӣ, ташкил, пайвастро мефаҳмонад. Ҳамбастагии унсурҳои асари бадеиест, ки аз он мазмуну мундариҷа ва ғояи асар аниқ мешавад.

**КУНАЛ** (наққошии сатҳӣ) – ба воситаи гил нақша ва ё манзарае кашида мешавад, баъдан онро бо қабати тунуки зарҳалӣ (тиллоӣ) мепӯшонанд. Аз рӯйи зарҳалкорӣ сужети нақшро ҷудо карда, ба тарҳи он бошад, одатан ранги гулобӣ мерезанд, ки ба худ тобиши муайяне гирифта, офаридаро нурбахш мегардонад.

**ЛЕПКА** (ҳайкалчасозӣ) – масолеҳи асосиаш гил, гаҷ ва ё пластилин мебошанд.

**МИНИАТЮРА** (минётур) – асарҳои нафиси санъати тасвирӣ, ки ҳаҷмаи хурд буда, усули хоси нигориш доранд: суратҳои барои дастхатҳо эҷодшуда, лавҳаҳои алоҳидаи тасвири табиат, нигоришоти графикӣ, портрет ва суратҳои хурди бо мино, рангҳои обӣ ва ғайра офаридашуда.

**МОЗАИКА** (кошинкорӣ) – намуди махсуси наққошӣ аст, ки дар асоси истифодаи масолеҳи сахтсангҳои рангаи табиӣ ва ё шишарезаҳои ранга дар рӯйи гил часпонида мешавад. Дар ороиши деворҳо, барои зинат додани асари санъати ороишӣ истифода бурда мешавад.

**НАТЮРМОРТ** – аз калимаи фаронсавӣ гирифта шуда, маънояш асли беҷон аст. Яке аз жанрҳои рассомиву графика мебошад, ки ба тасвири асбобхои маишӣ, рангҳо, меваҷот,

парандаҳо ва ғ. бахшида мешавад.

**ОРНАМЕНТ** (нақшу нигор) – нақшест, ки дар асоси пайдарҳамии мавзунӣ ва алоқамандии унсурҳои гуногун сохта шудааст.

**ПАННО** – тасвири монументалӣ дар девор

**ПЕРСПЕКТИВА** (дидани дурӣ) – он имкон медиҳад, ки дурии фазо тасвир карда шавад. Қонунияташ дар асоси хусусиятҳои чашм, ки ашёро дар тағйироти ҳаҷмӣ мебинад, бунёд ёфтаанд.

**ПРИКЛАДНОЕ ИСКУССТВО** (санъати ороишӣ-наққошӣ) – ба он ороиши либос, мебел, қолину сӯзаниҳо, ҷавоҳирот, бозичаҳо ва дигар ашёи маишӣ тааллуқ доранд. Санъати ороишии амалӣ дар ҳамбастагӣ бо олами атроф бештар ба назар мерасад.

**РЕПРОДУКЦИЯ** (нусхаи чопии сурат) – ба вуҷуд овардани осори бадеӣ бо усули нусхагирӣ ва ё ба воситаи аксбардорӣ.

**СКУЛЬПТОР** (ҳайкалтарош).

**СКУЛЬПТУРА** (ҳайкалтарошӣ) – як намуди санъати тасвирӣ мебошад, ки асарҳои он дар асоси принсипҳои ҳаҷмӣ ва сеченакӣ (яъне дарозӣ, бар ва баландӣ) эҷод мегарданд.

**ШАБЛОН** – намунае, ки аз рӯйи он чандин шакли якхела мебуранд.

**ШРИФТ** – ҳарф ва ё рақами ороишӣ, ки барои зинати бадеӣ истифода мешавад.

**ШТРИХ** – аломат ё хате, ки рассом бо як ҳаракати даст мекашад.

**ЭМБЛЕМА** – ифодаи шартии ягон ғоя ё мафҳум ба воситаи тасвири аёнӣ ё аломати шартӣ. Мисол, кабӯтар – рамзи сулҳу амонӣ.

**ЭСКИЗ** (ангора) – тарҳи пешакӣ, ки мақсади асари бадеиро муайян мекунад.

**ЭСТЕТИКА** (зебоӣ) – таълимот доир ба зебоӣ ва санъат.

## МУНДАРИҶА
### СИНФИ 5


Сарсухан ........................................................................................3
ДАРСИ 1. Олами зебой дар асарҳои рассомон ...........................4
ДАРСИ 2. Корҳо ороишӣ. Олами ҳайвонот ...............................8
ДАРСИ 3. Тасвири атрофи мактаб ................................................9
ДАРСИ 4. Композитсия дар мавзӯи ҳунаромӯзӣ........................10
ДАРСИ 5. Тасвири меваҳову баргҳо (натюрморт).....................12
ДАРСИ 6. Сохтани муҷассамаҳои парандагон.............................13
ДАРСИ 7. Тасвири меваҳо..............................................................14
ДАРСИ 8. Ҷамъоварии ҳосил .........................................................16
ДАРСИ 9. Манзараи тирамоҳи заррин...........................................18
ДАРСИ 10. Расмкашӣ аз рӯйи нусхаи асл.....................................19
ДАРСИ 11. Чеҳранигорӣ..................................................................19
ДАРСИ 12. Тасвири парандагон.....................................................20
ДАРСИ 13. Шаклсозӣ аз масолеҳи табиӣ.......................................21
ДАРСИ 14. Сохтани авиамодел......................................................22
ДАРСИ 15. Ороиши графикӣ .........................................................23
ДАРСИ 16. Тасвири ангораи (суроби) ороиш ...............................24
ДАРСИ 17. Рассоми эҷодкор Мурувват Бекназаров .....................25
ДАРСИ 18. Ороиши арчаи солинавӣ ..............................................27
ДАРСИ 19. Эҷодкорӣ дар мавзӯи зимистон....................................28
ДАРСИ 20. Туҳфа ба рӯзи Артиши миллӣ......................................31
ДАРСИ 21. Манзараи баҳор.............................................................32
ДАРСИ 22. Киштукори баҳорӣ.........................................................34
ДАРСИ 23. Корҳои ороишӣ ..............................................................35
ДАРСИ 24. Суҳроб Қурбонов............................................................36
ДАРСИ 25. Эҷодкорӣ дар мавзӯи чавгонбозӣ..................................37
ДАРСИ 26. Натюрморт. Чойник ва пиёла........................................39
ДАРСИ 27. Корҳои ороишӣ. Кулолгарӣ ..........................................40
ДАРСИ 28. Тасвири мошинҳо..........................................................42
ДАРСИ 29. Гилкорӣ...........................................................................44
ДАРСИ 30. Тасвир аз рӯйи афсона...................................................45
ДАРСИ 31. Офаридани нақшҳои бадеӣ............................................46
ДАРСИ 32. Натюрморти гулҳои рангоранг......................................47
ДАРСИ 33. Тасвири манзараи деҳа...................................................48
ДАРСИ 34. Рассоми эҷодкор ............................................................49
Дар вакти холӣ ..................................................................................51
Шиносоӣ бо рассом С. Шарифов.......................................................52

## СИНФИ 6


ДАРСИ 1. Таътили тобистонаи ман ... 68
ДАРСИ 2. Санъати нақшу нигор ... 69
ДАРСИ 3. Манзараи деҳа ... 72
ДАРСИ 4. Натюрморт аз меваҳо ... 73
ДАРСИ 5. Тасвири мева ва барг ... 75
ДАРСИ 6. Тасвири тирамоҳи заррин ... 76
ДАРСИ 7. Кашидани расм аз рӯйи афсона ... 79
ДАРСИ 8. Тарроҳӣ ... 81
ДАРСИ 9. Натюрморт аз сабзавот ... 82
ДАРСИ 10. Санъати тасвирии халқи тоҷик ... 84
ДАРСИ 11. Тасвир аз асл, дастархони ороста ва инъикоси он .88
ДАРСИ 12. Амали ороишӣ ... 89
ДАРСИ 13. Офаридани пайкараи парандагон аз гил ... 91
ДАРСИ 14. Камолиддини Беҳзод ... 92
ДАРСИ 15. Тасвири арчаи солинавӣ ... 98
ДАРСИ 16. Тасвир аз асл (парандагон) ... 100
ДАРСИ 17. Тасвир аз асл (чойник ва пиёла) ... 100
ДАРСИ 18. Тасвир аз асл (асбобҳои дуредгарӣ) ... 101
ДАРСИ 19. Гилкорӣ дар мавзӯи варзиш ... 103
ДАРСИ 20. Ороиши нақшу нигори либоси идона ... 104
ДАРСИ 21. Эҷодкорӣ дар мавзӯи кайҳон ... 105
ДАРСИ 22. Аз гил сохтани пайкараи ҳайвонот ... 106
ДАРСИ 23. Композитсия дар мавзӯи Артиши миллӣ ... 107
ДАРСИ 24. Сохтани муҷассама аз гил ... 108
ДАРСИ 25. Муҷассамасозӣ ва тарроҳӣ дар ороиши бадей ... 108
ДАРСИ 26. Кулолгарӣ ... 110
ДАРСИ 27. Шаклсозӣ (модел) ва ороиши он ... 111
ДАРСИ 28. Эҷодкорӣ дар мавзӯи моҳигирӣ ... 112
ДАРСИ 29. Тасвири манзараи баҳор ... 114
ДАРСИ 30. Тасвири гулҳои баҳор ... 116
ДАРСИ 31. Тасвири манзараи кӯҳсор ... 117
ДАРСИ 32. Тасвири кӯза ва гул ... 118
ДАРСИ 33. Суҳбат дар мавзӯи санъати меъморӣ ... 119
ДАРСИ 34. Чеҳраи дӯстон ... 121
Дар вақти холӣ ... 122
Мавқеи композитсия дар расмкашӣ ... 124
Тавсияҳо оид ба истифодаи ранги акварел ... 125
Намуд ва жанрҳои санъати тасвирӣ ... 126
Шарҳу эзоҳи баъзе истилоҳот ... 139

**БОЙНАЗАР БОЙНАЗАРОВ**

# САНЪАТИ ТАСВИРӢ

**(Китоби дарсӣ барои синфҳои 5 – 6-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ)**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Марям Давлатова |
| Мусаҳҳеҳ | Мевагул Назриева |
| Муҳаррири техникӣ | Қобилҷон Саъдуллоев |
| Тарроҳ ва саҳифабанд | Қосимхуҷа Назаров |

Ба матбаа 13.01.2016 супорида шуд.
Ба чоп 03.05.2016 иҷозат дода шуд. Чопи офсетӣ.
Андозаи 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 9,0.
Адади нашр 90000 нусха. Супориш № 06/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел: 222-14-66, E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Торус» бо супориши №02/2016
ба табъ расидааст





Рассом А. Аминҷонов. «Шашмақом»

МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТ

9 789994 712878